ISSN 2308-054X

# ПАЁМИ

## ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН

# ВЕСТНИК

## ТАДЖИКСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА КОММЕРЦИИ

# VESTNIK

## OF THE TAJIK STATE UNIVERSITY OF COMMERCE

# 2(15)

Душанбе, 2016

| ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН | ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА КОММЕРЦИИ |
|---|---|
| **«Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон» аз соли 2011 ба табъ мерасад** | **«Вестник Таджикского государственного университета коммерции» публикуются с 2011 года** |


| **Сармуҳаррир** | **Главный редактор** |
|---|---|
| Ректори ДДТТ Шарипов М.М. | Ректор ТГУК Шарипов М.М. |

| **Муовини сармуҳаррир** | **Заместитель главного редактора** |
|---|---|
| Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҷабов Р.К. | Доктор экономических наук, профессор Раджабов Р.К. |

**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ**

| | |
|---|---|
| **Адамов Н.А.** | Доктор экономических наук, профессор, ОАО «ИТКОР», г.Москва |
| **Аминов И.А.** | Доктор экономических наук, доцент ИЭТ ТГУК, г.Худжанд |
| **Амонова Д.С.** | Доктор экономических наук, профессор, НУТ, г.Душанбе |
| **Джабборов А.Д.** | Доктор экономических наук, профессор, ТГУК, г.Душанбе |
| **Исраилов М.** | Доктор экономических наук, профессор, КРСУ, г.Бишкек |
| **Ризокулов Т.Р.** | Доктор экономических наук, профессор, ИЭТ ТГУК, г.Худжанд |
| **Тарасова Е.Е.** | Доктор экономических наук, профессор, БУПК, г.Белгород |
| **Ульмасов Р.У.** | Доктор экономических наук, профессор, РТСУ, г.Душанбе |
| **Факеров Х.Н.** | Доктор экономических наук, профессор, ТГУК, г.Душанбе |
| **Хабибов С.** | Доктор экономических наук, профессор, ТГУК, г.Душанбе |

© Таджикиский государственный университет коммерции, 2016.

## МУНДАРИҶА


**Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷаласаи нахустини шӯрои миллии кор бо ҷавонон** .................. **7**

**ИҚТИСОДИЁТ ВА ИДОРАКУНИИ ХОҶАГИИ ХАЛҚ**

1. **Давлатов М.Х.** Хусусиятҳои иқтисодӣ-иҷтимоии иқтисодиёти сиклии оила дар шароити муосир ........ **15**
2. **Табаров Л.Т., Ҳакимзода А.** Мушкилоти рушди минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити буҳронҳои иқтисодию молиявӣ ........ **22**
3. **Амонатова М.А.** Иқтидори сайёҳиву рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ **25**
4. **Азизова Н.А., Амонатова М.А.** Низоми инноватсионӣ ҳамчун қисмати низоми иқтисодиёти миллӣ ........ **29**
5. **Аброров Ҳ., Аҳмадов А.Ш., Қодиров Ш.С.** Хусусияти реҷаи гидрологии дарёҳои музофоти Раштонзамин ва аҳамияти иқтисодии онҳо ........ **34**
6. **Қаюмов А.Н.** Манфиатҳои миллӣ ва бехатарии иқтисодии Тоҷикистон ........ **47**

**ИҚТИСОДИЁТИ СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНӢ**

1. **Саидова М.Ҳ., Саломова У.Т., Раҷабов К.Р., Хорошун А.В.** Ташаккули механизми идоракунии давлатии хизматрасонии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ **58**
2. **Проштов А.Р.** Муҳиммияти бренди хизматрасонии таҳсилотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии муосир........ **64**
3. **Саидмуродова Ш.О.** Баланд бардоштани самаранокии хизматрасонии нақлиёти мусофирбарии деҳот дар шароити иқтисоди бозоргонии Тоҷикистон ........ **69**
4. **Алимов К.К., Абдуллоев А.Б.** Роҳҳои инноватсионӣ ҳамчун омили рушди баландбардории рақобатпазирии кооператсияи матлумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........ **73**
5. **Азимбоев А., Тӯлиев М.С.** Таҳлили рушди технологияҳои иттилоотию коммуникационӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........ **77**
6. **Раҷабов А.А.,Тулиев М.С.** Рушди бозори хизматрасониҳои электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт ........ **82**

**ТАШКИЛ ВА ИДОРАИ КОРХОНАҲО**

1. **Бобоев Ф.Ҷ.** Диверсификатсияи захираҳои электроэнергия ва сармоягузории онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ **89**
2. **Раҳмонов Л.С.** Ташаккул ва рушди бозори лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........ **94**

3. **Мирзоев С.А., Акбаров Н.Н.** Тартиби даъвогии ҳимояи ҳуқуқи корхонаҳо ........ **97**
4. **Дӯстбоев Ш.** Ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои ҷаҳон ........ **100**
5. **Туйчиқулов З.Ҷ.** Хизматрасониҳои туристии системаи кооператсияи матлуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон........ **106**

**Маълумот оид ба муаллифон** ........ **110**
**Маълумот барои муаллифон** ........ **112**

## СОДЕРЖАНИЕ

**Выступление Основателя мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона на Национальном совете по делам молодежи при Президенте Республики Таджикиста** ........................ **7**

**ЭКОНОМИКА И УПРАВЛЕНИЕ НАРОДНЫМ ХОЗЯЙСТВОМ**

1. **Давлатов М.Х.** Особенности социально-экономического цикла семейной экономики в современных условиях .......................................... **15**
2. **Табаров Л.Т., Хакимзода А.** Проблемы развития свободных экономических зон Республики Таджикистан в условиях финансово экономического кризиса ........................................................................ **22**
3. **Амонатова М.А.** Туристический и рекреационный потенциал Республики Таджикистан ............................................................................ **25**
4. **Азизова Н.А., Амонатова М.А.** Инновационная система как часть системы национальной экономики ....................................................... **29**
5. **Аброров Х., Ахмадов А.Ш., Кодиров Ш.С.** Особенность гидрологического режима рек Раштской долины и его экономическое значение ...................................................................................... **34**
6. **Каюмов А.Н.** Национальные интересы и экономическая безопасность Таджикистана ...................................................................... **47**

**ЭКОНОМИКА СФЕРЫ УСЛУГ**

1. **Саидова М.Х., Саломова У.Т., Раджабов К.Р., Хорошун А.В.** Формирование механизма государственного регулирования оказания услуг населению в Республике Таджикистан.......................................... **58**
2. **Проштов А.Р.** Актуальность брендинга образовательных услуг современного ВУЗа ............................................................................ **64**
3. **Саидмуродова Ш.О.** Повышение эффективности сельских пассажирских автотранспортных услуг в условиях рыночной экономики Таджикистана ...................................................................................... **69**
4. **Алимов К.К., Абдуллаев А.Б.** Инновационные путь как фактор развития повышения конкурентоспособности потребительской кооперации в Республике Таджикистан.............................................................. **73**
5. **Азимбоев А., Тулиев М.С.** Анализ развития информационно-коммуникационных технологий в Республике Таджикистан.................. **77**
6. **Раджабов А.А., Тулиев М.С.** Развития рынка электронных услуг Республики Таджикистан в условиях глобализации экономики............ **82**

**ОРГАНИЗАЦИЯ И УПРАВЛЕНИЕ ПРЕДПРИЯТИЙ**

1. **Бобоев Ф.Дж.** Диверсификация источников электроэнергии и их финансирование в Республике Таджикистан ............................................ **89**
2. **Рахмонов Л.С.** Формирование и развитие лизингового рынка Республики Таджикистан.......................................................................... **84**

3. **Мирзоев С.А., Акбаров Н.Н.** Исковой порядок защиты прав предприятия ........ **97**
4. **Дустбоев Ш.** Экономическое сотрудничество Республики Таджикистан с зарубежными странами ........ **100**
5. **Туйчикулов З.Д.** Оказание туристических услуг системы потребительской кооперации Республики Таджикистан ........ **106**

**Сведения об авторах**........ **110**
**Памятка для авторов**........ **112**

# СУХАНРОНИИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ҶАЛАСАИ НАХУСТИНИ ШӮРОИ МИЛЛИИ КОР БО ҶАВОНОН

Муҳтарам аъзои Шӯро!

Ҳозирини гиромӣ!

Нахуст мехоҳам ҳамаи шумо - аъзои Шӯро ва дар шахсияти шумо ҳамаи ҷавонони кишварро бори дигар бо Рӯзи ҷавонон ва аввалин ҷаласаи Шӯрои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти мамлакат табрик намоям.

Ҳадаф аз таъсиси Шӯро дар ҳузури Президенти мамлакат мавриди баррасӣ қарор додани масъалаҳои вобаста ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон мебошад.

Дар ин самт, пеш аз ҳама, моро зарур аст, ки дар муносибат бо ҷавонон усулҳои боз ҳам муассири ҳамкориро ҷорӣ намоем ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатиро бо ташкилоту созмонҳои ҷавонон тақвият бахшем.

Дар ин замина аз имконоти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ истифода карда, ҷавононро ба корҳои муҳимми давлативу ҷамъиятӣ ҳарчи бештар ҷалб намоем.

Аз ҷониби Президенти мамлакат роҳбарӣ намудани Шӯро намунаи олии эҳтиром ва эътимоди мақоми олии сиёсии кишвар ба ҷавонон мебошад.

Чунин тарзи кор имкон медиҳад, ки пешниҳодоти ҷавонон ҳарчи бештар дастгирӣ ёбанд, мушкилоти дар ин самт мавҷуда сари вақт баррасӣ гардида, роҳу усулҳои фаъолияти минбаъдаи ҷавонон боз ҳам дақиқу мушаххас карда шаванд.

Бовар дорам, ки шӯроҳои дар сатҳи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо таъсисёфта, ки аз ҷониби раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо роҳбарӣ мешаванд, ба татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон мусоидат менамоянд.

Ҳозирини гиромӣ!

Маҳз дар даврони истиқлолияти давлатӣ ҷиҳати дастгирии ҷавонон заминаи боз ҳам мусоид фароҳам оварда шуд.

Дар ин давра дар самти дастгирии ҷавонон санадҳои муҳимми давлатӣ қабул гардида, самтҳои фаъолияти онҳо дар шароити муносибатҳои нави сиёсиву иҷтимоӣ муайян карда шуданд.

Махсусан, қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» собит сохт, ки Ҳукумат дар сиёсати худ ба ҷавонон такя карда, тарбия намудан ва ба камол расонидани насли ҷавону созандаро яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи худ медонад.

Ба хотири расидан ба ин ҳадафи олӣ аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ як қатор барномаҳои давлатӣ доир ба дастгирии ҷавонон, баланд бардоштани мавқеи онҳо дар ҷомеа, беҳтар намудани вазъи иҷтимоии ҷавонон қабул карда шуданд, ки ҳар кадоме аз ин санадҳо дар ҳаёти ҷавонони кишвар нақши муҳим бозиданд.

Дар ин давра «Барномаи миллии ҷавонони Тоҷикистон», «Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон», «Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 - 2018», «Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Стратегияи

сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2020» қабул гардиданд, ки ҳамаи онҳо, дар маҷмӯъ, барои татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон заминаи мусоид фароҳам оварда, мавқеи ҷавононро дар ҷамъият боз ҳам устувор гардониданд.

Ин санадҳои муҳимми давлатӣ ҷалби ҷавононро ба корҳои созанда вусъат бахшида, иштироки фаъолонаи онҳоро дар бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявии Тоҷикистон таъмин намуданд, ки ҳамаи ин аз баракати соҳибистиқлолӣ ба даст омадааст.

Аз баракати истиқлолияти давлатӣ имрӯз дидгоҳ ва ҷаҳонбинии ҷавонон ба куллӣ тағйир ёфта, сатҳи одобу маърифат ва муносибати онҳо ба зиндагӣ ва иштирокашон дар корҳои давлативу ҷамъиятӣ бамаротиб беҳтар шудааст.

Аз вохӯриву суҳбатҳо ва таҳлили андешаронии ҷавонон хуб эҳсос мегардад, ки онҳо нисбат ба ҷавонони охири асри гузашта ба масъалаҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ назари ниҳоят фарох доранд.

Баробари ин, ҷавонон дар раванди давлатсозӣ фаъолона иштирок карда, дуруст дарк менамоянд, ки ширкати фаъолона дар ин марҳалаи таърихӣ, пеш аз ҳама, ба манфиати худи онҳо мебошад ва фардо худашон ин давлатро роҳбарӣ ва ободу зебо мегардонанд.

Дар баробари ин, ҷавонони мо таҳаввулоту равандҳои ҷаҳони муосирро дуруст дарку таҳлил намуда, техника ва технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро самаранок истифода мекунанд, дар таъсиси марказҳои ҷавонон, корхонаҳои хурду миёна, бунёди муассисаҳои варзишиву фароғатӣ фаъолона иштирок менамоянд.

Инчунин, барои омӯзиши илму донишҳои муосир кӯшиш намуда, ба забономӯзӣ машғул мебошанд ва дар мусобиқаву озмунҳои минтақавию байналмилалӣ ширкат карда, барои гирифтани шаҳодатномаҳои муаллифӣ доир ба ихтироъкорӣ саъю талош менамоянд.

Ҷавонони мо бо мақсади аз худ кардани ихтисосҳои замонавие, ки дар оянда барои манфиати иқтисоди миллии мо заруранд, дар мактабҳои олии кишварҳои гуногуни олам таҳсил карда истодаанд.

Ҳоло шумораи донишҷӯёни тоҷик дар муассисаҳои бонуфузи таҳсилоти олии хориҷи кишвар беш аз 30 ҳазор нафар мебошад. Мо, албатта, бо дастовардҳои ҷавонони даврони соҳибистиқлолии кишварамон ифтихор мекунем.

Ва бо қаноатмандӣ изҳор медорем, ки истиқлолият роҳи ҷавононро ба сӯи бунёдкориву созандагӣ боз кард ва замина гузошт, ки онҳо дар рушду инкишофи мамлакат саҳми назаррас ва шоиста дошта бошанд.

Ба андешаи мо, истиқлолияти давлатӣ ҳамчун арзишмандтарин дастоварди миллӣ манфиатҳои ҷавононро бештар ҳимоя карда, орзуву омоли онҳоро дар ҳаёт амалӣ месозад ва барои кору зиндагии шоиста, яъне фардои ободу осудаи ҷавонон шароиту заминаҳои мусоид фароҳам меорад.

Давлату Ҳукумат ба ҷавонон ҳамчун нерӯи созанда муносибат намуда, нақши онҳоро дар пешрафти кишвар басо муҳим ва арзанда мешуморанд.

Ҷавонони худогоҳу худшинос ва ватандӯсту ватанпарвари мо дар ҳамаи ҷабҳаву самтҳо ташаббус нишон дода, дар арсаи байналмилалӣ нуфузу обрӯи Ватани маҳбубамонро баланд мебардоранд.

Дар марҳалаи навини рушди иқтисодиву иҷтимоии кишварамон ҷалби неруи ҷавонон, хусусан, дар татбиқи ҳадафҳои созандаи Ҳукумат ниҳоят муҳим мебошад.

Мо иштироки фаъоли ҷавононро дар ҳаёти сиёсиву ҷамъиятӣ ҳамеша ҷонибдорӣ мекунем ва ҷалби ин қувваи фаъоли ҷомеаро барои устувор гардонидани рукнҳои давлатдории навин аз ҷумлаи масъалаҳои аввалиндараҷа мешуморем.

Мо чунин фаъолияти муваффақонаи ҷавононро дар ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ба инобат гирифта, масъалаи ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ кардем ва бояд гуфт, ки дар ин маъракаи муҳимми сиёсӣ ҷавонон аз ҳама бештар ба ҷонибдории ин ҳуҷҷати тақдирсоз райъ доданд.

Тағйиру иловаҳои ба Конститутсия воридшуда барои фаъолияти ҷавонон майдони боз ҳам фарох мекушоянд ва ҷиҳати иштирок дар идоракунии давлат ва интихоб ба мақоми роҳбарии шохаҳои ҳокимият заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Бовар дорам, ки минбаъд дар мамлакат сафи ҷавонони фаъолу ташаббускор боз ҳам бештар мегардад ва саҳми онҳо дар роҳи беҳбуд бахшидани ҳаёти ҷомеа ва рушди устувори мамлакат бамаротиб меафзояд.

Ин неруи созанда имрӯз аз амнияти давлату ҷомеа, марзу буми сарзамини аҷдодӣ ҷавонмардона ва далерона ҳимоят менамоянд ва дар дифоъ аз Ватани маҳбубамон шуҷоату далерӣ ва устувориву иродаи матин нишон медиҳад.

Имрӯзҳо дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат беш аз 87 фоизро ҷавонон ташкил намуда, онҳо бо ҳисси баланди ватандорӣ ва ору номуси баланди миллӣ ба Ватан ва халқи Тоҷикистон хизмат мекунанд ва номбардорони падару модар ва халқу Ватани маҳбубамон мебошанд.

Ҷавонони мо варзишро гарави саломатӣ дониста, барои пешбурди тарзи ҳаёти солим саъю талош мекунанд.

Як қисми онҳо дар мусобиқаҳои варзишии ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ фаъолона иштирок намуда, парчами Тоҷикистони азизро баланд мебардоранд.

Вале бояд гуфт, ки ҳоло ҳам дар баъзе шаҳру ноҳияҳо ва маҳаллаву деҳот майдону толорҳои варзишӣ намерасанд ё тамоман вуҷуд надоранд.

Қисми дигарашон ба талаботи оддитарин ҷавобгӯ набуда, таъмирталаб мебошанд ва бо таҷҳизоти варзишӣ таъмин нестанд.

Аз ин рӯ, вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бори дигар вазифадор карда мешаванд, ки якҷо бо соҳибкорон ва бо ёрии худи ҷавонон ҷиҳати бунёди майдону толорҳои варзишӣ тадбирҳои иловагӣ андешида, ба солимгардонии ҷомеа, оммавигардонии варзиш ва ҷалби ҳарчи бештари ҷавонон ба мусобиқаҳои варзишӣ диққати авалиндараҷа диҳанд ва тавассути воситаҳои ахбори омма тарғибу ташвиқи варзиш ва тарзи ҳаёти солимро васеъ ба роҳ монанд.

Имрӯз барои рушди сайёҳӣ шароити бештар муҳайё шудааст.

Як қисми марказҳои сайёҳӣ аз ҷониби худи ҷавонон таъсис ёфта, ин соҳаи муҳим дар мамлакат сол ба сол тараққӣ карда истодааст.

Аммо дар муқоиса бо кишварҳои дигар инфрасохтори сайёҳӣ дар кишвар то ба ҳол дуруст рушд накардааст ва ба талаботи муосир ҷавобгӯ нест.

Дар мамлакат барои сайёҳон ҳанӯз меҳмонхонаҳои муосири хурду миёна, марказҳои фаъоли сайёҳӣ, нуқтаҳои кӯҳгардӣ ва техникаву таҷҳизоти ҳозиразамон намерасанд.

Вобаста ба ин, ба Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ супориш дода мешавад, ки якҷо бо роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои пешрафти сайёҳӣ ва муҳайё намудани инфрасохтори замонавӣ чораҳои зарурӣ андешида, тавассути тараққӣ додани ин соҳаи муҳим ба муҳайё кардани ҷойҳои иловагии корӣ мусоидат намоянд.

Дӯстони азаиз!

Бо мақсади эмин нигоҳ доштани давлату миллат аз таҳдиду хатарҳои замони муосир ҷавонони мамлакатро зарур аст, ки донишҳои сиёсиашонро пайваста мукаммал гардонанд, аз таҳаввулоти босуръати ҷаҳони имрӯза мунтазам огоҳ ва барои ҳимояи манфиатҳои милливу давлатӣ доим омода бошанд.

Ҷавонони соҳибкасбу ихтисосманди мо давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, нерӯи тавоно ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса ояндаи миллат ва давлат мебошанд ва фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти онҳо минбаъд низ ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳимтарини сиёсати давлату Ҳукумат боқӣ мемонад.

Яке аз роҳҳои асосии ҳалли ин масъала таъсис додани ҷойҳои нави корӣ дар саросари кишвар буда, бунёди корхонаҳои хурди истеҳсолӣ, марказҳои соҳибкорӣ, таъсиси бизнес-инкубаторҳо, паркҳои технологӣ ва дигар коргоҳҳои хурду миёна вазифаи сохтору мақомоти давлатӣ, аз ҷумла роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, инчунин соҳибкорон мебошад.

Барои амалӣ гардидани ташаббусҳои ҷавонон, пеш аз ҳама, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, сохтору мақомоти дахлдори марказӣ ва бонкҳои саҳҳомиро зарур аст, ки ба ҷавонон грантҳои алоҳида ҷудо намоянд ва бо ҳамин роҳ ба рушди соҳибкории хурду миёна кумак расонанд.

Дар баробари ин, ташкили корҳои хонагӣ аз қабили ресандагиву бофандагӣ, қолинбофиву зардӯзӣ ва дигар навъҳои косибӣ, таъсиси марказҳои нави касбомӯзӣ дастгирии фаъолияти соҳибкории хурду миёна аҳаммияти хосса дорад.

Ҳамчунин, зарур аст, ки ба масъалаи баланд бардоштани сатҳу сифати дониш дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаву олии касбӣ ва тарбияи мутахассисони баландихтисос эътибори аввалиндараҷа дода шавад.

Дар баробари ин, механизми татбиқи сиёсати давлатиро доир ба таъминоти кадрӣ аз ҳисоби ҷавонон ва занон такмил бахшида, барои ҷалби онҳо ба хизмати давлатӣ, корҳои роҳбарикунандаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллӣ чораҳои иловагӣ андешидан зарур аст.

Тибқи маълумоти оморӣ имрӯз дар мамлакат беш аз 44 фоизи хизматчиёни давлатиро ҷавонони то 35 - сола ташкил медиҳанд.

Шумораи занон дар мақомоти марказӣ ва сохторҳои тобеи онҳо 16 фоиз, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ 21 фоиз, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот 21 фоиз мебошад, ки ин рақамҳо ҳанӯз каманд.

Мо пешниҳод карда будем, ки ба кори муассисаҳои бонкӣ бештар занону бонувон ба кор ҷалб карда шаванд.

Аз таҳлили маълумоти оморӣ маълум мешавад, ки ин супориш пурра иҷро нашудааст.

Бинобар ин, роҳбарони бонкҳои давлативу саҳҳомӣ ва сохторҳои маҳаллии онҳоро зарур аст, ки камбудии ҷойдоштаро бартараф намуда, кормандонашонро аз ҳисоби бонувон бештар намоянд.

Вобаста ба ин, моро зарур аст, ки аз миёни ҷавонон шахсони боистеъдоду болаёқат, донишманду ташаббускор, забондон ва аз нигоҳи сиёсӣ устуворро пайдо карда, онҳоро тарбия намоем ва ба вазифаҳои масъул пешбарӣ кунем.

Бо ин мақсад зарурати дар солҳои минбаъда такмил бахшидани фаъолияти Агентии хизмати давлатӣ ва Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Тоҷикистон пеш омадааст ва тақозо мегардад, ки ба тарбияи хизматчиёни давлатии ҷавони фаъолу ташаббускор таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад, то ки онҳо тавассути курсҳои махсуси омӯзишӣ ва такмили ихтисос ба корҳои роҳбарикунанда омода карда шаванд.

Ҳозирини гиромӣ!

Ҳамзамон бо ин, масъалаи тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи пос доштани таъриху фарҳанг ва арзишҳои ахлоқиву маънавии миллӣ диққати ҷиддиро талаб мекунад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баъзе падару модарон ба масъалаи баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллии фарзандон бетарафӣ зоҳир намуда, гузашта аз ин, ба поймолшавии ҳуқуқ ва озодиҳои ҷавондухтарон дар таъмини таҳсилоти баробар роҳ медиҳанд.

Чунин муносибат сабаб гардидааст, ки иддаи ҷавонон аз таҳсилу касбомӯзӣ дур монда, ба амалҳои ношоиста даст мезананд.

Аз рӯи маълумоти мақомоти дахлдор беш аз 80 фоизи ҷинояткориҳои аз тарафи ноболиғону ҷавонон содиршуда ба шахсони бекор рост меояд.

Чунин вазъ раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро водор месозад, ки бо мақсади муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ бештар кӯшиш намоянд ва якҷо бо мақомоти марказии давлатӣ ҷиҳати ба шуғл фаро гирифтани ҷавонону занони бекор тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Тибқи маълумот дар давоми солҳои 2014-2015 ва чор моҳи соли 2016 - ум беш аз 13 000 ҷинояти аз тарафи ҷавонон содиргардида ба қайд гирифта шудааст, ки аз шумораи умумии ҷиноятҳо 26 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳарчанд ки тамоюли кам шудани ҷиноятҳо дар чаҳор моҳи охири соли равон аз ҳисоби ҷавонон ба мушоҳида мерасад, вале ин бояд боиси қаноатмандӣ нагардад.

Аз ин лиҳоз, роҳбарони аввали мақомоти марказӣ, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки миёни ноболиғон ва ҷавонон корҳои тарбиявӣ ва пешгирикунандаро вусъат бахшанд ва барои ба шуғл фаро гирифтани онҳо ҳамаи чораҳои заруриро амалӣ намоянд.

Махсусан, дар ин самт корро дар деҳот ҷоннок карда, барои ба корҳои кишоварзӣ, бунёди боғҳои нав ва таъсиси хоҷагиҳои деҳқонӣ ҷалб кардани онҳо чораҷӯӣ намоянд, бо мақсади ҳавасманд намудан ва рӯҳбаланд гардонидани ҷавонон чорабиниҳои фарҳангиву варзиширо дар миёни онҳо бештар ба роҳ монда, иштироки фаъолашонро дар ҳаёти ҳаррӯзаи ҷомеа таъмин гардонанд.

Кам аҳаммият додан ба ин масъалаҳо боис шудааст, ки иддае аз ҷавонони сустирода ва аз ҷиҳати сиёсӣ ноустувор бо иллати бекорӣ ва бешуғлӣ ба гурӯҳҳои ифротӣ шомил шуда, эътибору обрӯи кишварро дар арсаи байналмилалӣ паст зада истодаанд.

Аз рӯи маълумоти мақомоти дахлдор ҳоло садҳо нафар шаҳрвандони мо, ки қисми зиёдашон ҷавонон мебошанд, ба сафи гурӯҳҳои террористӣ ва ифротӣ шомил шуда, аз байни онҳо то имрӯз 300 нафар кушта шудаанд.

Аз ин ҳисоб 36 нафарашон донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии дохил ва хориҷи кишвар мебошанд.

Дар баробари ин, то ҳол 370 нафар донишҷӯёне, ки дар муассисаҳои таълими динии давлатҳои хориҷӣ ғайриқонунӣ таҳсил мекунанд, ба кишвар баргардонида нашудаанд.

Аз ин рӯ, Вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, меҳнат, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, корҳои дохилӣ, кумитаҳои кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, кор бо занон ва оила, телевизион ва радио, оид ба дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ, инчунин мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки барои рафъи камбудиҳои зикршуда тадбирҳои ҷиддӣ андешанд ва корро миёни наврасону ҷавонон, аз ҷумла ҷавонони деҳот пурзӯр гардонанд.

Дӯстони азиз!

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун воситаи муассири танзими ҳаёти ҷавонон ва пешрафти ҷомеа бояд дар самти бартараф намудани монеаву масъалаҳои ҷойдошта нақши ҳалкунанда дошта бошад.

Дар Паёми имсолаи Роҳбари давлат ба Маҷлиси Олӣ беҳуда таъкид нагардида буд, ки “мо бо ҷавонони созандаи худ ифтихор мекунем, чунки ҷавонони даврони соҳибистиқлолии Ватанамон имрӯз бо нангу номуси миллӣ, ташаббусҳои шоиста ва эҳсоси баланди ватандорӣ дар рушди Тоҷикистони азиз ҳиссаи арзишманд мегузоранд ва ба Модар-Ватани худ содиқона хизмат мекунанд”.

Ин нуктаҳо ба хотири баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва рӯҳияи ватанпарастиву ифтихори миллии ҷавонон таъкид гардида, онҳоро водор месозанд, ки ба қадри неъмати бебаҳои истиқлолият расанд, ватанро боз ҳам бештар дӯст доранд ва дар ҳимояи арзишҳои миллӣ садоқатмандона талош намуда, номи Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баландтар бардоранд.

Вобаста ба ин, Кумитаи кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳиро зарур аст, ки ҷиҳати пурзӯр намудани корҳои таблиғотӣ дар миёни ҷавонон, бахусус ҷавонони деҳот тадбирҳои иловагӣ андешида, дар миёни онҳо мусобиқаҳои варзишиву чорабиниҳои фарҳангиро васеъ ба роҳ монад ва барои ба шуғл фаро гирифтани онҳо якҷо бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғлӣ аҳолӣ, дигар вазорату идораҳо ва макомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ чораҷӯӣ намояд.

Бояд гуфт, ки дар шароити ташаннуҷи рӯзафзуни авзои сиёсии ҷаҳон ва тағйиру таҳаввулоти босуръати он, инчунин торафт вусъат гирифтани низоъҳои байнимазҳабӣ ва авҷи ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ зиракии сиёсии ҷавонон аҳаммияти бағоят бузург касб менамояд.

Гаравидани баъзе ҷавонон ба ҳизбу созмонҳои ифротиву террористӣ боиси нигаронӣ буда, сохтору мақомоти давлатиро вазифадор менамояд, ки барои гирифтани пеши роҳи ин амалҳои номатлуб чораҳои қатъӣ андешанд ва корҳои тарбиявиро дар байни ҷавонон боз ҳам тақвият бахшанд.

Бо таъсири интернет, шабакаҳои мухталифи иҷтимоӣ ва дигар воситаҳои иттилоотӣ иддае аз ҷавонони сустиродаву ноогоҳ ба доми тазвири гурӯҳҳои манфиатҷӯ афтида, ба миллату Ватани худ хиёнат менамоянд, обрӯ ва мақоми мамлакатро дар арсаи байналмилалӣ паст мегардонанд.

Онҳо ҷони худро дар хатар гузошта, ба хотири ваъдаҳои бардурӯғ ҳаёти худро барбод медиҳанд ва волидайну наздиконашонро дар миёни ҷомеа шармсор мегардонанд.

Барои пеши роҳи ин кирдорҳои ношоистаро гирифтан Шӯрои миллии кор бо ҷавонон, Кумитаи кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, дигар сохторҳои давлатӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки дар якҷоягӣ фаъолият карда, ҷавононро ба роҳи дуруст ҳидоят намоянд, пеши роҳи бегонапарастӣ ва гаравидани ҷавононро ба созмону ҳаракатҳои ифротиву террористӣ гиранд.

Ман борҳо таъкид намуда будам ва боз иброз медорам, ки ҷавонон бояд ҳамеша ҳушёр бошанд, зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд, муқаддасоти давлатиро ҳамчун дастоварди бузурги таърихӣ ҳифз намоянд ва муҳимтар аз ҳама, озодиву соҳибихтиёриро асоси хушбахтии худ ва наслҳои оянда шуморанд.

Имрӯз масъалаҳои зиёди ҳаётан муҳим, аз ҷумла таҳкими пояҳои давлатдорӣ, рушди устувори кишвар, бунёди роҳҳо ва нақбу пулҳо, нерӯгоҳҳои хурду бузург, сохтмони садҳо иншооти иҷтимоӣ, инчунин чорабиниҳои фарҳангиву варзишӣ ва дигар корҳои шоиставу созанда ҷавонони моро интизоранд.

Барои амалӣ гардидани ин корҳои бузург аз ҳар як ҷавони ватандӯсту ватанпарвар дониши амиқ, ҷаҳонбинии замонавӣ ва муҳимтар аз ҳама, ҳисси баланди миллӣ ва худогоҳиву худшиносӣ тақозо мегардад.

Умед дорем, ки ҷавонони мо аз уҳдаи иҷрои ин вазифаҳо мебароянд ва минбаъд низ кӯшиш мекунанд, ки ба нафъи давлату ҷомеа содиқона хизмат намоянд.

Ҳамзамон бо ин, аъзои Шӯро вазифадоранд, ки фаъолияти худро бо истифода аз усулҳои муосири кор бо табақаҳои иҷтимоӣ боз ҳам пурзӯр намуда, ҷалби нерӯи ҷавононро ба равандҳои созандагиву бунёдкорӣ ҳарчи бештар тақвият бахшанд.

Дар баробари ин, ҷиҳати тарғибу ташвиқи ғояҳои давлати демократӣ, баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқии ҷавонони кишвар, тарғиби тарзи ҳаёти солим дар миёни ҷавонон ва ҳамчун насли заҳматдӯсту қавиирода ба камол расонидани наврасону ҷавонон кӯшиш намуда, ҷиҳати муқовимат ба ақидаҳои ифротиву тахрибкорона ва дигар зуҳуроти хатарноки замони муосир тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

Барои ҳалли ин масъалаҳои ниҳоят муҳим дар назди аъзои Шӯрои миллии кор бо ҷавонон, сохтору мақомоти дахлдори мамлакат ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифаҳои зерин гузошта мешаванд:

1. Роҳбарони вазорату идораҳо, раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва дигар сохтору мақомоти давлатӣ вазифадор карда шаванд, ки барои ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ ва ҳарчи бештар ба шуғл фаро гирифтани ҷавонон, бахусус ҷавонони деҳот тадбирҳои иловагӣ андешида, бо ин мақсад ҳар моҳ ярмаркаи ҷойҳои холии кориро гузаронида, аз натиҷааш ба Дастгоҳи иҷроияи Президент мунтазам гузориш манзур намоянд.

Ҷиҳати ба мақомоти маҳаллӣ ва мақомоти марказии давлатӣ ба корҳои роҳбарӣ пешбарӣ намудани ҷавонони соҳибмаърифату лаёқатманд ва ташаб-

бускор чораҳои зарурӣ андешида, дар доираи барномаҳои давлатии ҷавонон, стратегия ва консепсияҳои мавҷуда барои ба хизмати давлатӣ ҷалб кардани онҳо чораҷӯӣ намоянд.

2. Барои дар сатҳи баланди сиёсиву ташкилӣ пешвоз гирифтани 25-солагии истиқлолияти давлатӣ корҳои таблиғотӣ ва фаҳмондадиҳиро дар миёни омма, аз ҷумла наврасону ҷавонон тақвият дода, доир ба дастовардҳои кишварамон бо ҷалби олимону зиёиён дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва ташкилоту муассисаҳо, корхонаву коргоҳҳо, деҳаву маҳаллаҳо, ҷамоату шаҳракҳо вохӯриву суҳбатҳо доир карда, тавассути воситаҳои ахбори омма тарғиби комёбиву дастовардҳои кишвар ба таври васеъ ба роҳ монда шавад.

3. Вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Академияи илмҳо ва академияҳои соҳавӣ, кумитаҳои кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, кор бо занон ва оила, телевизион ва радио, оид ба дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ, ҷиҳати ҳарчи зиёдтар огоҳӣ пайдо намудани ҷавонон аз таъриху фарҳанги халқи тоҷик, арзишҳои милливу умумибашарӣ ва равандҳои глобалии ҷаҳони муосир корҳои ташвиқотиро таҳким бахшида, иштироки онҳоро дар раванди эъмори давлати миллӣ ва ҷомеаи пешрафтаву мутамаддини иҷтимоӣ таъмин гардонанд.

Бо мақсади ба низом даровардан ва риояи суннату маросимҳои миллӣ тарғиби қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” боз ҳам густариш дода, риояи ҳатмии талаботи қонунҳои зикршударо зери назорати қатъӣ гиранд.

Доир ба ҷалби наврасону ҷавонон ба корҳои илмӣ, озмоишӣ, ихтироъкорӣ ва таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ чораҳои иловагӣ андешида, фаъолияти махфилҳои илмиву пажӯҳишӣ ва марказҳои ихтироъкориро тақвият бахшанд.

Бо мақсади рушди варзиш ва сайёҳӣ якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, соҳибкорону тоҷирон ҷиҳати баргузор намудани чорабиниву мусобиқаҳои варзишӣ тадбир андешида, ҷиҳати таъмиру тармим, бунёди майдончаҳо ва толорҳои варзишӣ иқдомҳои навро амалӣ намоянд ва барои таҳкими инфрасохтори сайёҳӣ, сохтмони меҳмонхонаҳо ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд.

4. Прокуратураи генералӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади паст намудани сатҳи ҷиноятдкорӣ дар байни наврасону ҷавонон ва баргардонидани ҷавононе, ки дар муассисаҳои таълимии динии хориҷи мамлакат ғайриқонунӣ таҳсил менамоянд, чораҳои ҷиддӣ андешанд.

Бовар дорам, ки иҷрои вазифаҳои мазкур барои ҳалли саривақтии мушкилоти дар ҳаёти ҷавонон мавҷуда имкон медиҳад ва барои боз ҳам баланд гардидани нақш ва мақоми ҷавонон дар дигаргунсозии ҳаёти ҷомеа заминаи мусоид фароҳам меорад.

Баргузории ҷаласаи нахустини Шӯрои миллии кор бо ҷавонон бори дигар ҳар яки моро вазифадор месозад, ки таваҷҷуҳи хешро нисбат ба тақдири ин қишри ояндасози ҷомеа дучанд намоем ва барои дастгирии онҳо минбаъд низ аз ҳамаи имкониятҳо истифода кунем.

Дар ин ҷода ба ҳамаи шумо барори кор мехоҳам.

## ЭКОНОМИКА И УПРАВЛЕНИЕ НАРОДНЫМ ХОЗЯЙСТВОМ

УДК336.011

**Давлатов М.Х.**

# ОСОБЕННОСТИ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО ЦИКЛА СЕМЕЙНОЙ ЭКОНОМИКИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

*В статье рассматривается особенности социально-экономического цикла семейной экономики и его значение в воспроизводственном процессе. По мнению автора именно от эффективного цикла зависят рациональность ведение хозяйства и семейные хозяйства выступают самыми гибкими институтами в условиях трансформационной экономики.*

***Ключевые слова:*** *семейная экономика, домашний труд, социальный цикл, воспроизводства, аграрный сектор.*

**Давлатов М.Х.**

# ХУСУСИЯТҲОИ ИҚТИСОДӢ-ИҶТИМОИИ ИҚТИСОДИЁТИ СИКЛИИ ОИЛА ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

*Дар мақола хусусиятҳои давраи иҷтимоӣ-иқтисодии оила ва аҳамияти он дар раванди азнавистеҳсолкунӣ баррасӣ гардидааст. Мувофиқи тадқиқоти муаллиф сарфакории пешбурди хоҷагидорӣ махсусан аз самаранокии давра вобаста буда, хоҷагидории оилавӣ ба сифати институти махсус дар шароити гузариши иқтисодӣ баромад мекунад.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *иқтисодиёти оила, меҳнати хонагӣ, давраи иҷтимоӣ, азнавистеҳсолкунӣ, бахши аграрӣ.*

.

**Davlatov M.Kh.**

# FEATURES OF THE SOCIAL-ECONOMICS CYCLE OF FAMILY ECONOMICS IN MODERN CONDITIONS

*The article discusses the features of the socio-economic cycle of family economy and its importance in the reproduction process. According to the author it is the effective cycle dependent rationality farming and family farms are the most flexible institutions in the conditions of transformation economy.*

***Keywords:*** *family economy, domestic work, the social cycle of reproduction, the agricultural sector.*

Семейная экономика в индустриально развитых странах имеет ряд особенностей, составляющий специфику данной категории хозяйствования. Во-первых, производства организуется на основе родственных связей, причем существует разделение труда по полу и возрасту. Во-вторых, происходит соединение функций собственности, управление и труда. В результате производи-

тельная деятельность и семейная жизнь сливаются: хозяйство дает семьям, по крайней мере основанные средства существования, а семя в свою очередь создает хозяйства своим трудом. Специфика семейной экономики вытекает из того, что оно предусматривает собой как экономическую производственную единицу, так и семейную (социальную) единицу, а следовательно потребительскую ячейку общества.

Теоретическое осознание этой взаимосвязи прослеживается в работах западных ученых. Японский исследователь С. Накаджима, разрабатывающий теорию субъективного потребительского трудового баланса семьи, определяет семейного хозяйства как элемент сельскохозяйственной отрасли, трудового и потребительского хозяйства, причем эта экономическая общность, руководствуется принципом максимизации полезности [3].

Организацию семейной экономики за рубежом определяет личность фермера, его жизненный цель и его деятельность может быть многогранным. Ему одновременно присущи черты бизнесмена, механика, работа физического труда и натуралиста. Он действует в среде, где семья и хозяйства неразрывно сведены, успех в семейной экономике в значительном степени определяется из этого процесса. Исследуя семейного хозяйства, западные ученные отмечали различия их жизненных целей в рыночном хозяйстве. Этим определяется и разная степень напряженности их труда. Кроме того, каждый член семьи имеет свои собственные цели, которые требует согласования, поскольку для введения хозяйства необходимо коллективный труд всех членов семьи, а так же выбор между удовлетворением потребительских нужд и запросов, связанных с воспроизводством хозяйства.

Из вышесказанного исходит, что главным фактором производства в семейных хозяйствах является труд и земля, именно управляя эти две мощные факторы семейная экономика организуют производства при этим они занимают важного место в кругообороте экономических ресурсов в расширенном воспроизводстве.

В научной литературы отличается, что важным моментом развития семейных хозяйств является то, что у её руководителя должно сформироваться такие личные качества как любовь к земле, скромность в потребление нужных благ, трудолюбие, постоянное желание познавать новое и др. Кроме этого в последние годы также усиливается концепция рационального «экономического человека», но тем самым меньше внимание уделяется целевым установкам и комплексу вопросов, связанных с семьей.

Интересным считается получение ответа на таких вопросов как решаются ключевые вопросы организации семейной экономики? Каким образом идет процесс принятие решений семейными хозяйствами, что они принимают в расчет, как можно расширит производственный вопрос и др. Изучение этих вопросов начато в рамках экономической теории современной конкуренции, в частности теории фирмы, так как семейная хозяйства выступают базой для организации производства более крупных институтах.

Поведение любого индивидуума нельзя объяснять лишь экономическим мотивом. Процесс принятие решений в семейном экономике носит социально-личный характер. Психологический характеристики главы семейного хозяйства могут определять такой важный фактор принятие решений, как допускаемая степень риска для неё. Руководитель семейной экономики должен взять на се-

бя полноту личной ответственности за принятие решения, от которых зависят средства существование всей семьи. Принят на себя такое бремя ответственности способный далеко не все, поэтому при прочих равных условиях люди с психологическими установками на ограничение риск будет вести хозяйство особым образом, например, стремится минимизировать расходы семьи, попытаются налаживать интеграционные связи со сферой переработки и реализации, т.е. там, где их экономическая самостоятельность было бы значительно меньше.

Семейные и общинные взаимодействие оказывают большое воздействие, как на цели фермера, так, и на средства, которые он выбирает для их достижения. Максимальная прибыли одному из краткосрочных целей семейного хозяйства, но не всегда главная или единственная. Результаты опросов семейных хозяйств нескольких субрегионов Согдийской области (г. Худжанд, Канибадамский, Б. Гафуровский, Исфарински и Истаравшанских районов) показывают, что главная их цель обеспечить передачу наследникам потенциальную семейную хозяйству. Ориентация семейных хозяйств на достижении такой цели определяется с изменением условий внешней среде в национальном и международном уровне. По мнению английских ученых Р. Гассон, Г. Гроу, А. Эррингтон. Семейная экономика носит многие черты мелкой фирмы. К высшим приоритетам небольшого предприятия они относят автономию, независимость и выживание [5].

Внутренняя динамика и организация семейного хозяйства взаимозависимы с динамикой семьи. Совмещение жизненных циклов семьи и семейной экономики ставит перед семьей специфические проблемы, связанные с надзором за труд, который обычно осуществляет отец, с отложенными на будущее потребительскими нуждами, профессиональным выбором детей, затрагивающим вопросы преемственности, совместным проживанием и работе в хозяйстве двух семей в переходной период смены поколений. Семейная экономика в любое время особенно во время смены поколений, зависят от формирования и развития семьи. Как показывает исследование, семейная экономика во многих случаях формируется с заключением брака, а для социально воспроизводства на нем в дальнейшем придётся усиливать трудовой процесс в домашнем хозяйстве.

В домашнем хозяйстве отсутствует деление дохода и оплату труда рабочей силы. Поэтому существует выбор между инвестированием и потреблением т.е. между производственными целями поддержание нижнего уровня семьи. Способность супружеской пары разумно распределять ресурсы, влияет на успешность функционирования семейной экономики.

Необходимо отметить, что в странах со слабым развитием товарности вовсе нет различие между родственной группой (т.е. семья) и семейным хозяйством. В этих условиях денежные ресурсы распределяются в пользу семейного потребления, а не на производства. Данная ситуация наблюдается и в Республики Таджикистан, где основной часть семейных хозяйств своих доходов расходуют на семейные потребления. В этих условиях ведение домашнего хозяйство становятся проблематичным, домашние хозяйство становятся зависимыми от внешней среды. Для предотвращения этой проблемы в республике необходимо разрабатывать и реализовать программы развития семейной экономи-

ки. Поэтапная реализация данной программы обеспечивает усиления активности семейных экономик в производственном направлении.

В условиях развитой товарности производства, когда ощущается недостаток денежных средств, приоритет традиционно получает хозяйство. Взаимосвязь семьи и семейного хозяйства становятся экономически ассиметричной, поскольку здесь капиталовложения осуществляются независимо от прироста средств, направляемых на семейную экономику. В отличие затрат, связанных с издержками производства расходы на содержание семьи могут быть значительно сокращены. Существуя в условиях жестких законов рынка семейная экономика по мнениям А.В. Чаянова доходят до само эксплуатацией – вырабатываются определенная трактовка и идеология самоограничения [1].

Состав семьи, ведущей хозяйство, ее потребности, работоспособность членов семьи со временем меняются. В связи с этим часто возникает несоответствие между имеющимся в хозяйстве ресурсами и количеством рабочих рук, а также потребности семьи. Сбалансирование ресурсов земли и капитала в хозяйстве может быть достигнуто путем увеличение факторов производства.

Для увеличения интенсивности семейной экономики обычно требуется новые капиталовложения. Инвестиционный цикл параллельно семейному циклу. Появление детей обеспечивает стимулы для инвестирования, но затем затраты на них растут за счет уменьшения капиталовложений.

Несмотря на это, у более молодых семьях, имеющихся детей, наблюдается более быстрый рост стоимости активов, чем у пожилых, не имеющих наследников.

С возрастом в семейном экономике проявляются все большую заинтересованность в финансовой безопасности, часто сокращают степень занятости и уровень кредитной задолженности, они вносят изменения в хозяйстве, с тем чтобы высвободить дополнительных средства для потребления.

Анализу некоторых социологических исследований показывают, что в развитии семейной экономики определяющую роль играет возглавляющий хозяйством. При этом важным фактором выступает возраст возглавляющего и наличие наследников. Число детей имеет большое влияние на рост объема производства в семейном хозяйстве. Как показывает практика у семьей более 2-х детей формируется потенциальная семейная хозяйства, которые могут быть самими устойчивыми в условиях рыночной экономики.

В Республики Таджикистан значение семьи в последнее время в основание собственного бизнеса усиливается. Это означает, что семейная хозяйства, находясь в центре кругооборота экономических ресурсов выступают ораторами успешных социально-экономических процессов в экономике.

Наследование с точки зрения некоторых западных ученых, не всегда обеспечивает жесткий отбор семейных экономик из-за отсутствия конкуренции. Благодаря действию других механизмов эффективность производства не снижается, в частности системы само обеспечения и саморегулирования.

В зарубежных странах формирование семейного хозяйства в аграрном секторе именуют как семейными фермами. Но следует отличать семейного хозяйства от домашнего хозяйства. Во-первых, семейное хозяйство является официально зарегистрированным экономическим инструментом. Они активно участвуют в различных сегментах рынка. А домашние хозяйство в основном направлены на удовлетворения потребности семьи, они частично участвуют на

рынке товаров и услуг. Во-вторых, семейные хозяйство преследует цели получение прибыли, и из-за этой цели он не имеет конкретного масштаба. Домашние хозяйство выступает потребителями прибыли от хозяйственной деятельности, но за счет сбережений они могут осуществлять активную инвестиционную деятельность. В семейных хозяйствах источником инвестирования являются прибыль от производственной деятельности.

Важным фактором успешности домашнего хозяйства может выступать уровень образования. В семьях с более высоким уровнем образования наблюдается потенциальная семейная экономика, а в семьях с низким уровнем образования это оценивается очень бедно. Поэтому в последнее время на этот фактор уделяется очень пристальное внимание.

Но, к сожалении необходимо отметить, что в последние время во всей развивающихся странах в то числе в Таджикистане наблюдается снижение уровня образования. Это в будущим станет одним из острых преград в развитие семейных экономик.

Деятельность многих семейных экономики связанно с сельскохозяйственным производством. Поэтому важным стимулом дальнейшего развития семейных экономик выступает форма собственности в аграрном секторе. Проблема преемствования в семейном хозяйстве не сводится к юридическому акту передачи прав собственности, но подразумевает постепенную передачу управленческого контроля от одного поколения к другому. Экономические условия в аграрном секторе (увеличении размера хозяйства, относящийся к рентабельным) чаще всего побуждает детей работать с родителями в одном семейном хозяйстве.

Постепенная передача управленческого контроля особенно важна для сокращения жизнеспособности семейного хозяйства. Процесс передачи включает несколько этапов в зависимости от возраста руководителя семейных хозяйств, его оценка способностей сына, а также стремление удержания контроля над собой.

Единственным родственной и рабочей группы создает множественность ролей для каждого члена семьи. Глава семьи одновременно является руководителем семейного хозяйства, а также может быть работником. А жена – домашняя хозяйка воспитатель, детей счетовод, управляющий, иногда и рабочий. Даже простое перечисление ролей каждого члена семьи может составит обширный список.

Поскольку трудовые отношения в семейном хозяйстве отличаются гибкостью и разнообразием форм, легче указать на их характеристики, которые им не присущие. Отношение между членами семьи в процессе управление труда в семейном хозяйстве строятся на других принципах, чем отношения между предпринимателем и рабочими на промышленных предприятиях.

Партнерские отношения между супругами обычно лежит в основе общих усилий всех членов семьи в семейном хозяйстве. Разделение труда в сельском хозяйстве является очень заметным и в большинстве случаев женщины в семейном хозяйстве играют вспомогательную роль: обслуживают других членов домашних хозяйств, ухаживают за животными, выполняют счетную работу, закупают средства для жизнеобеспечения семьи.

Исследователи семейной экономики подчеркивают, что особую социальную роль женщины как посредника улаживание конфликтов и трудовых отно-

шений между отцом и сыновьями внутри семьи. Она не в пределе семейного хозяйства выступает как лицо, осуществляемого поддержание контактов и связей в общение, с различными общественными институтами и учредителями. Хотя в опросах, проводимых среди семейных хозяйств, представителями обоих полов часто выражают мнение, что женщины являются помощницами в семейном хозяйстве, но по сравнению с женщинами, одновременно занятыми в различных отраслях народного хозяйства, в семейном хозяйстве женщине несут двойную нагрузку, как правило, без соответствующей денежной компенсации.

Разделение труда по полу и возрасту также включает особое сочетание занятости в самом семейном хозяйстве и вне его. Например, при функционировании семейного хозяйства в туристических зонах, она приспосабливается к принятию туристов, этот процесс превращает домашнее вложение коммерческое. Мелкая нерегулярная торговля, которую ведут женщины, например, как продажа яиц или плодоовощной продукции на местном рынке, может развиваться до уровня самостоятельного торгового предприятия, существующего отдельно, но неразрывно связанного с семейном хозяйством. Стратегия совмещения различных видов деятельности позволяют семейным экономикам одновременно осуществлять необходимые капитальные вложения и увеличивать уровень семейного потребления.

Исходя из вышеизложенного мы предлагаем, что многоотраслевая ориентация семейных хозяйств должно выступать важным их стратегием, так как в условиях глобализации повышается степень их специализации. В контексте этого мы рассматриваем адаптационные возможности семейных экономик к изменяющимся условиям.

В научной литературы существует довольно давняя традиция считать семейного хозяйства неизбежным. Ещё в 30-х годах некоторые западные ученые рассматривали семейные хозяйства в индивидуальном обществе как «экономический анахронизм» [5]. С этой точки зрения эффективность производства и крупные его размеры считались равнозначными понятиями.

В условиях кризиса механизм семейных хозяйств коренным образом изменяется и в структуре их доходов и расходов происходит существенные изменения. По мнению российского ученого Е.И. Морковского, который исследовал механизмы адаптации хозяйствующих субъектов, следствием развернувшегося в российской экономике кризиса стало падение реальных доходов населения, рост безработицы. Семейные хозяйства ответили снижением потребления товаров длительного пользования [2]. Естественно в этих условиях склонность семейных хозяйств к сбережению растёт, так как это становится одним из эффективных защитных мер к возникшим кризисам.

Необходимо отметить, что в условиях циклических упадок единственным фактором поддержания роста семейных хозяйств является их сбережения, так как труд в семейном хозяйстве имеет свою специфику. В промышленности умственный и физический труд в определённой степени разделены. Труд в семейном хозяйстве остаётся ремеслом. Непосредственный производитель как мастер контролирует процесс производства. Члены семейного хозяйства сами координируют и определяют различные задачи. Умственная деятельность, включающая разработки и контроль, и физическая работа не только совмещаются, но постоянно взаимодействуют. Поэтому повторяющейся цикл наблюдений осмысления, оценки и реорганизации образует основу производственного

процесса. Этот цикл включает не только производства, но и процесс воспроизводства (разведение скота с более высокой продуктивностью животных, улучшения плодородия почвы и т.д.). Он фактический дает прочную основу для обратной связи в кризисных условиях.

Таким образом, изучение особенностей социально-экономического цикла семейных экономик показывает, что в направление их цикличного развития должно быть определенная концепция и это концепция уже существует. Его западные экономисты называют концепцией «самообеспеченности», которая возникло в далеком прошлом, но в современных условиях играет важную роль в организации семейных хозяйств. Домашняя концепция было введена со стороны голландского ученого Ж.Д. Ван Дер Плоед, который исследовал основные элементы стратегии организации труда и производства в хозяйствах интенсивного и экстенсивного типа. По его мнению, самообеспеченность семейной экономики проявляет комплекс отношений, которые стимулирует «исторический гарантированное автономное воспроизводство” [6]. Из этого исходит, что долгосрочная непрерывность развития семейных экономик обеспечивается с тем, что каждый производственный цикл не только дает готовую товарную продукцию, но и воспроизводит основные ресурсы для следующего цикла.

На наш взгляд в рамках семейных хозяйств Республики Таджикистан данная концепция абсолютно приемлема. На эту концепцию необходимо дополнят и адаптировать к нашим условиям. Исходя из особенностей семейной экономики в Республике Таджикистан мы предлагаем, что концепция самообеспеченности дополняется с концепциями само занятости, так как рынок труда республики пока не находится в равновесном состоянии, что значительное количество безработицы решается именно через призму самозанятости. Самозанятость подходит только семейным хозяйством, где безработные члены семьи могут заняться определенными видами трудовой деятельности, которые в не каких государственных органах не регистрируются. Через этого процесса в семейном экономике происходит получение скрытого дохода, которая не учитываясь в статистике, становятся дисбалансом доходов и расходов населения в республики.

Таким образом, можно сделать следующие выводы:

- в Республики Таджикистан семейное хозяйство составляет ядро аграрной структуры. Как общественный институт она сохраняет ценность поскольку благодаря ей воспроизводится класс сельскохозяйственных производителей тесно связанных с землей.

- семья гарантирует преемственность поколений, берет на себя основной труд по их воспитателю, устанавливает в семейном хозяйстве определенную пропорциональность между собственными ресурсами труда, капитала, земли и формами распоряжения ими;

- семейная экономика обладает большим запасом прочности и способностью выжить в период экономических трудностей, достаточной гибкостью, чтобы приспособится к усиливающемуся давлению системы мирового хозяйства. При этом используется самые разные стратегии приспособления: ставка на автономность семейного хозяйства, минимальное зависимость от других сфер экономики, не полная занятость в сельском и др. При этом через призму самообеспеченности и само занятости они становятся прочным экономическим институтами в условиях трансформационной экономики.

**Литература**

1. Чаянов А.В. Крестьянское хозяйство. Избранные труды. – М.: Экономика, 1989. – С. 207.
2. Марковская Е.И. Механизмы адаптации хозяйствующих субъектов [электронный ресурс] http://www.audit-fin. com/fin/2013/1/2013_1_09_02. pdf
3. Nakajima C. Subjective Equilibrium Theory of the form Household. – Alberta, 1986. – P. 1.
4. The social sciences in Farm Management Research. – Alberta, 1984. – C. 7.
5. Gasson R., Crow G., Erington A. The farm as family business: a review // Journal of Agricultural Economics. –1988. – Vol. 39. – № 1. – P. 6.
6. Ploeg J.D. Vander. Patterns of farming logic, structuration of labour and impact of externalization//sociologia Ruralis. 1985. Vol 25, №1. P 6.

УДК 530.131.7

**Табаров Л.Т., Ҳакимзода А.**

## МУШКИЛОТИ РУШДИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ БУҲРОНҲОИ ИҚТИСОДИЮ МОЛИЯВӢ

*Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иқтисодиёти он ба низоми хоҷагии бозорӣ ва сиёсати давлатии «дарҳои боз» асос ёфтааст, таъсиси минтақаҳои озод қобили ҷонибдорӣ буда, ба ҳадафу вазифаҳои стратегияи миллии рушд мувофиқат аст.*

*Дар мақолаи мазкур муаллифон оид ба мафҳум ва моҳияти минтақаҳои озодӣ иқтисодӣ, омилҳое, ки рушди минтақаҳои озоди иқтисодиро дар ҶТ халал мерасонанд, таъсири буҳронҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва раҳоӣ ёфтан аз ин вазият ҳаллу баррасӣ гардидааст.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *Мафҳум ва моҳияти Минтақаҳои озоди иқтисодӣ, имтиёзҳои минтақа, омилҳое, ки ба рушди МОИ дар ҶТ халал мерасонанд, таъсири буҳронҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва раҳоӣ ёфтан аз онҳо.*

**Табаров Л.Т., Хакимзода А.**

## ПРОБЛЕМЫ РАЗВИТИЯ СВОБОДНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗОН РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В УСЛОВИЯХ ФИНАНСОВО ЭКОНОМИЧЕСКОГО КРИЗИСА

*В статье раскриты факторы, влияющих на развитие свободных экономичекских зон и выявлены проблемы развития свободных экономических зон республики таджикистан в условиях финансово-экономического кризиса*

***Ключевые слова:*** *свободные экономические зоны, регион, государство, государственное регулирование, государственная политика.*

**Tabarov L.T., Abdurakhmon KH.**

## PROBLEMS DEVELOPMENT OF FREE ECONOMIC ZONES FONES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN FINANCIALLY ECONOMICS CRISIS CONDITION

*The article rasrity factors affecting the development of free zones and ekonomichekskih identified problems of development of free economic zones of the Republic of Tajikistan in the conditions of financial and economic crisis.*
***Keywords:*** *free economic zone, region, state, government regulation, public policy.*

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иқтисодиёти он ба низоми хоҷагии бозорӣ ва сиёсати давлатии «дарҳои боз» асос ёфтааст, таъсиси минтақаҳои озод қобили ҷонибдорӣ буда, ба ҳадафу вазифаҳои стратегияи миллии рушд мувофиқат мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нахустин минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар марҳилаи таъсисёбӣ қарор доранд. Дар ин самт нахустин санади ҳуқуқӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ», ки соли 2004 қабул шуда буд, асосҳои ташкилию ҳуқуқии минтақаҳои озоди иқтисодиро дар қаламрави кишвар муайян намуда, пешбинӣ менамояд, ки дар ин минтақаҳо низоми махсуси гумрукӣ, молиявию асъорӣ ва андозбандӣ, тартиби соддашудаи воридшавӣ, иқомат ва хориҷшавии резидентҳо ва ғайрирезидентҳо, ки бо низомнома оид ба минтақаи озоди иқтисодӣ муайян шудаанд, инчунин дигар низомҳое, ки ба ҷалб намудани сармоя, ҳавасмандкуиии инкишофи соҳибкорӣ ва рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳои озоди иқтисодӣ нигаронида шудаанд, муқаррар карда мешаванд.

Минтақаҳои озоди иқтисодии «Суғд», «Панҷ», «Ишкошим» ва «Данғара» - нахустин минтақаҳое мебошанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудаанд.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ чун қаламраве маънидод мешаванд, ки тавассути фишангҳои иқтисодию ташкилӣ ва ҷорӣ намудани реҷаи воридотии бе гумрук фаъолияти иқтисодии беруна фаъол гардонида шуда, сармояи хориҷӣ ҷалб карда мешавад.

Реҷаи имтиёзнок дар минтақаи озоди иқтисодӣ доираи муайяни имтиёзҳоро дар бар мегирад, аз ҷумла имтиёзҳои гумрукӣ, иҷора, андозбандӣ, реҷаи раводид ва муносибатҳои меҳнатӣ ва ғайра, ки ба шароити фаъолиятбарии соҳибкорони хориҷию ватанӣ ва инчунин коргарону хизматчиёни ба минтақаи озоди иқтисодӣ ба кор ҷалбшаванда дахл дорад.

«Буҳроне, ки имрӯз тамоми ҷаҳонро фаро гирифтааст, дер ё зуд бартараф мешавад. Аз ҳама муҳим ин аст, ки мо бояд аз мушкилоти нешомада наҳаросем, корҳои ободониву созандагиро дилпурона идома бахшем ва барои пешрафту шукуфоии ватани маҳбубамон содиқона хизмат кунем.

Халқи мо дар давраи ҷашги шаҳрвандӣ рӯзҳои аз ин ҳам вазнинро аз сар гузаронд. Бешак, ин буҳронро ҳам бо сабру таҳаммул дар ҳамкории зич бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон бо роҳи вусъат бахшидани ҳамкориҳои иқтисодӣ ва истифодаи самараноки захираҳои дохилӣ пасисар хоҳем кард».

Омили дигари таъсири манфии бuҳрон, махсусан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ, кам ворид шудани ҳаҷми маблағҳои аз ҳисоби содирот бадастомада мебошад, ин нархҳои ҷаҳонии ашёи хом мебошад, зеро алюминий ва пахта махсулоти асосии содиротӣ мебошанд, ки нархи ҷаҳонии онҳо то 50% коҳиш ёфт.

Тоҷикистон бо ташаббус ва кӯмаки бевоситаи Созмони Милали Муттаҳид дар Стратегияи миллии рушд, ки яке аз ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола бармеояд, вазифаҳои худро доир ба ду маротиба паст кардани нишондиҳандаҳои сатҳи камбизоатӣ, ноил гардидан ба суръати ҳарсолаи рушди иқтисодӣ дар сатҳи кобили кабул навсозии тачхизоти истехсолӣ, воридоти гехнологияи муосир дар соҳаи кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ муайян кардааст. Вале бе мусоидат ва кӯмаки ҷомеаи ҷаҳонӣ, бе ҷалб намудани захираҳои иловагии молиявӣ ба иқтисодиёт, бе ҳамгироии минбаъда ва иштирок дар фаъолияти ниҳодҳои асосии байналмилалӣ тадбиқи ин вазифаҳо барои Тоҷикистон хеле мушкил аст» .

Тавре ки маълум аст, маҳсулоти асосии содиротии Тоҷикистон алюминий ва пахта мебошад. Бар асари буҳрони ҷаҳонии молиявӣ чанд моҳи охир нархи алюминий 2 баробар коҳиш ёфта, аз руйи маълумоти биржаи металлии Лондон як тоннаи он 1466 долларро ташкил додааст. Нархи пахта низ паст гардидааст. 30% коҳиш ёфтани нархи пахта ба он оварда расонд, ки агар арзиши нахи пахта аз руйи индекси байналмилалӣ 1653 доллари ИМА ба як тонна бошад, ҳоло 1212 доллар арзёбӣ мешавад. Пастшавии нарх ба қадри зиёда аз 400 доллар ба ҳар тонна дар бозори пахта падидаи диданашуда ҳисоб меёбад.

**Омилҳое ки рушди минтақаҳои озоди иқтисодиро дар ҷумҳурӣ халалдор месозад, дар чунин самтҳо зоҳир мегарданд:**

- кам шудани интиқоли маблағе, ки аз муҳоҷирати меҳнатӣ ба ҷумҳурӣ ворид мегашт;
- паст рафтани сатҳи истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ содироти мол дар натиҷаи нарасидани барқ, махсусан дар корхонаҳои калони саноатӣ КВД «Талко», як қатор корхонаҳои саноатии вилояти Суғд;
- ба буҷети давлат кам ворид шудани маблағи андоз аз корхонаҳои аз кор боздоштаашуда;
- боло рафтани қурби доллар дар тавозуни доллару сомонӣ, ки боиси беқурбшавии асъори миллӣ ва шиддатёбии тамаррум мегардад;
- эҳтимолияти суст шудани ҷалби сармояи хориҷӣ (инчунин сармояи ватанӣ) ба иншоотҳои банақша гирифташудаи истеҳсолӣ ва инфраструктура;
- иҷро нашудани тадбирҳои пешбинишуда вобаста ба паст намудани сатҳи камбизоатӣ аз стратегияҳои дар ин бахш қабулшуда ва ғайра.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири пешгирии оқибатҳои тағйирёбии вазъияти бозор чораҳо меандешад.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нақшаи тадбирҳои зиддибуҳронии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи кутоҳмуддат» чораҷӯии бамавриде мебошад, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд ва таъсири манфии буҳронро ба иқтисодиёти мамлакат суст мегардонад.

**Ин нақша самтҳои зеринро дар бар мегирад:**

- таъмини усгувори макроиқтисодӣ, ки тадбирҳои заруриро дар ҳамаи сиёсати пулию қарзӣ андозу буҷет пешбинӣ менамояд;

- таъмини устувори рушди бахши воқеии иқтисодиёт ва мусоидат ба бахши хусусӣ:

- фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби ҳарчи бештари сармоягузориҳо;

- дастгирии бозори меҳнат ва ба он ҷалб намудани муҳоҷирони меҳнатӣ;

- таъмини дастгирии иҷтимоии аҳолӣ дар шароити буҳрони молиявӣ ва инчунин таъмини саривақтии иҷрои нақша;

- тадбирҳои зиддибуҳронии молиявии ҷаҳонӣ.

Хулоса, минтақаҳои озоди иқтисодӣ чун ҷузъи фазои иқтисодии миллӣ барои соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ маҷмӯи имтиёзҳо ва ҳавасмандгардониҳоро (имтиёзҳои реҷаи гумрукӣ, андозгузорӣ, иҷора, раводид, реҷаи меҳнатӣ ва ғайра) пешниҳод намуда, имконият фароҳам меоранд, ки истеҳсоли моли баландсифати рақобатпазир барои бозорӣ ҷаҳонӣ ба роҳ, монда шуда, рушди самараноки иқтисодию иҷтимоии худи минтақа дар асоси муносибатҳои бозорӣ таъмин карда шавад.

**Адабиёт**


1. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронии Президенти ҶТ дар маҷлиси васеи Ҳукумати Тоҷикистон доир ба натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат дар соли 2008-ум ва вазифаҳо барои соли 2009, аз 16-уми январи соли 2009. - «Ҷумҳурият», 20-уми январи соли 2009;
2. Барномаи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми марти соли 2004 № 86 тасдиқ шудааст. Ҳукумати ҶТ, Душанбе, 2004;
3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми марти соли 2008 № 103 «Дар бораи чораҳои аввалиндараҷа оид ба ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҶТ». Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2008;
4. Қарори Ҳукумати ҶТ 30 декабри соли 2008 № 638 «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-ми майи соли 2008 № 227 «Дар бораи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодии «Панҷи поён» ва «Суғд»». Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2008.
5. Ҳакимзода А., Раҷабов Қ. «Минтақаҳои озоди иқтисодӣ» (китоби дарсӣ). Душанбе: «Ирфон», 2010 с. 491 саҳ.


УДК 066.001.89

**Амонатова М.А.**

## ТУРИСТИЧЕСКИЙ И РЕКРЕАЦИОННЫЙ ПОТЕНЦИАЛ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

*В статье изучены теоретические основы рекреационного потенциала и их использование в современных условиях.*

***Ключевые слова:*** *туризм, рекреация, природные и культурно - исторические условия, этнография, поэтажный ландшафт, водных ресурсов.*

**Амонатова М.А.**

## ИҚТИДОРИ САЙЁҲИВУ РЕКРЕАТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Дар мақола асосҳои назариявии иқтидори рекреатсионӣ ва истифодаи он дар шароити муосир омӯхта шудааст.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *туризм, рекреатсия, шароити табиӣ ва таърихию маданӣ, этнография, манзараҳои қабатӣ, захираҳои обӣ.*

**Amonatova M.A.**

## THE TOURISM AND RECREATION POTENTIAL REPUBLIC TAJIKISTAN

*The article was taken theoretical recreation and their using in the morden condition.*

***Keywords:*** *tourism, recreation, natural-cultural condition, and atnogaph, landscape in water resource.*

Туризм оказывает большое влияние на развития таких сфер: экономика, экология, политика, которые, в свою очередь также воздействуют и на развития туризма. Дело в том что экономическое положение каждого отдельно взятого члена общества непосредственно зависит от общей экономической ситуации в стране чем лучше общее состояние экономики, тем выше спрос на туристские услуги.

Туризм в силу своей специфики сегодня играет немаловажную роль в укреплении разносторонних контактов между странами и народами. С самого начала своего возникновения туризма, как форма путешествий и отдыха, ознакомления с материальными и духовными ценностями, сегодня оказывает глубокое воздействие не только на экономику и культуру страны, но и является средством познания национальных ценностей, взаимопонимания, сближения и укрепления связей народов разных стран.

Известно, что Таджикистан представляет собой уникальную туристскую достопримечательность современности, поскольку обладает уникальными культурно-историческими наследиями, самобытной культурой, выгодным географическим расположением, многообразием природных ландшафтов, рекреационных зон, флорой и фауной.

Природные и культурно-исторические условия республики благоприятствуют развитию туризма. Благоприятный период для летного отдыха и туризма продолжается более 150 дней в долинах или свыше 4 месяца в году. Например горнолыжный сезон в Такобе продолжается с декабря по март месяц. Наиболее популярные районы горного туризма: Фанские горы, Матчинский горный узел, Северной - Западный Памир. По территории республики проходят преимущественно плановые пешеходные туристские маршруты. Рр.Зеравшан, Кафирниган, Кызыл-Су, Обихингоу, Бартанг, их притокам и другим рекам.

Сегодня в древнейших городах Таджикистана-Худжанде, Истаравшане, Пенджекенте, Кулябе, облик которых значительно изменился за эти годы, бережно хранят древние исторические, культурные и ремесленные традиции. До сих пор сохранились знаменитые династии мастеров золотошвейных изделий,

мастеров по изготовлению шелка, гулдузи, вышивальщиц тюбетеек, ткачей, ювелиров, мастеров холодного оружия, мастеров керамистов, изделия которых известны во всем мире. Среди туристов посетивших эти древние города наиболее популярен этнографический туризм, при котором, кроме изучения исторических традиций, культуры и быта народов, туристы, под руководством знаменитых мастеров, имеют возможность обучиться основам и навыкам древних позабытых ремесел.

Современный Таджикистан-это горная страна с абсолютными высотами от 300 до 7495 метров над уровнем моря. 93% территории страны составляют горные хребты, относящиеся к Памирской, Гиссаро-Алайской и Тянь-Шанской горным системам. Указанные хребты разделены богатыми и плодородными землями Ферганской, Зерафшанской, Вахшской и Гиссарской долинами. Сложность рельефа и большая амплитуда высот горных систем обуславливает исключительное разнообразие растительного и животного мира [2].

Таджикистан – край высочайших вершин, мощных ледников, стремительных бурных рек, неповторимых по своей красоте озёр, уникальной растительности и редких животных. Именно горный, поэтажный ландшафт определяет своеобразие и неповторимость природы Таджикистана, богатство её форм, вызванных к жизни разнообразием климатических зон. В республике за полтора часа полёта и знойной жары Вахшской долины можно попасть в арктический холод вечных снегов Памира.

Таджикистан, обладая относительно небольшой территорией, имеет достаточную и разветвленную систему особо охраняемых природных территорий. Одной из важнейших функций данной системы является сохранение уникального природного, исторического и культурного наследия страны для будущих поколений и его приумножения. По состоянию на 2004 год все природоохранные территории Таджикистана занимают суммарную площадь-3,1 млн.га.или 22% территории республики включают в себя 4 заповедника общей площадью 173418 га: «*Тигровая балка», «Ромит», «Дашти–Джумский», «Зоркульский»;* 13 заказников на площади 313260 га, из которых: 8 комплексных: «Зеравшанский», «Искандеркульский», «Нурекский», «Чильдухтаронский», «Сангворский», «Мозкульский», «Акташский», «Каратауский»; 3 ботанических- «Сайвотинский», «Кусавлисайский» и «Алмасинский», 2 зоологических – «Дашти-Джумский» и «Камароуский». Самым большим является «Мозкульский» заказник 66,9 тыс.га.-на Памире, а самым маленьким-«Зеравшанский» 2,3 тыс.га. в Фанских горах. Целями создания заказников также являются сохранение и воспроизводство природных ресурсов, охрана естественных уникальных ландшафтов, рекреационных территорий и памятников природы.

Природно-рекреационные ресурсы республики, наличие памятников истории и культуры предопределяют особенности сформированного национального туристского продукта, продвижение и реализация которого на мировых рынках туристских услуг, обеспечивает поток иностранных туристов в Таджикистан. В этом плане приоритетными видами международного туризма а стране рассматриваются:

- Альпинизм, горно-спортивный и экологический туризм;
- Рафтинг, горнолыжный спорт;
- Интерохота;
- Историко-познавательный и этнографический туризм;

- Санаторно-курортное лечение и отдых.

Альпинистские восхождения практикуются в Фанских горах, Матчинском горном узле, а также в районе высшей точки стран Содружества Независимых Государств (СНГ)-пика Коммунизма (7495 м), который, в 2000 году, переименован в пик имени Исмаила Самани. Ежегодно в Таджикистане, проводятся Международные альпинистские экспедиции, в ходе которых альпинисты из разных стран мира совершают восхождения на высочайшие горные вершины страны [3].

Таджикистан является наиболее богатой страной по запасам пресных водных ресурсов. Практически половина водных ресурсов стран центрально азиатского региона формируются в высокогорных реках, озерах и ледниках страны. Республика Таджикистан по запасам гидроэнергоресурсов занимает восьмое место в мире. Особенно Горно-Бадахшанская автономная область республики очень богата озерами, имеющими самое различное происхождение. Наиболее крупными изних являются Каракул, Зоркул, Рангкул, Шоркул, Булункул и Сарез. В целом в Памирском регионе в интервале высот от 3200 до 5000 метров, сосредоточены 1450 озер и 220 рек, или же 83% общей площади зеркала озер по Таджикистану.

Горно-пешеходный туризм территориально характерен, в основном, для окрестностей города Душанбе и близлежащих к нему районов(Варзобское, Каратагское, Ширкентское и Рамитское ущелья) а также Кухистана (под этим названием подразумевается область, которая охватывает Туркестанский, Зеравшанский и Гиссарский хребты). На горы (район Пайронских, Маргузорских, Аллаутдинских озёр, озера Искендаркуль), где проложены десятки туристских маршрутов, создано несколько стационарных туристских баз и лагерей-в городе Душанбе, Варзобском ущелье, на озере Искандеркуль, Аллаутдинских, Маргузорских озёрах, на берегу искусственного Кайраккумскоговодохрагилища в районе города Худжанда [4].

На территории Таджикистана функционируют около 200 источников минеральных и термальных вод, на базе которых развивается санаторно-курортное направление туризма. Наиболее известные из них курорт «Ходжа Оби Гарм», санатории «Шаамбары», «Оби Гарм», «Зумрад», «Хаватаг», «Гармчашма», «Башор», «Шахдара». В санаториях и курортах Таджикистана предоставляются различные услуги по лечению болезной.

Сегодня в Таджикистане сформирован конкурентоспособный туристский комплекс и действуют более 50 туристских предприятий. В целях развития международного туризма в республике, Правительством страны принято решение об упрощении визового режима, в настоящее время документы для въезда в страну, оформляются в течение трех дней. Принятые Правительством Республики Таджикистан решения об объявлении Варзобского, Балджувансго и Ромитского регионов республики зонами санаторно-курортного лечения, отдыха и туризма, способствует постепенному возрождению туристской отрасли. В республике в настоящее время восстановлено более 65% объектов санаторно-курортной и туристской направленности, построено около 35 частных туристических зон отдыха, что создает реальные условия для организации международного туризма, занятости населения и привлечения инвестиций в данную инфраструктуру.

Таким образом, подводя итог вышеизложенному следует отметить, что Республика Таджикистан является уникальным и обладает самобытной культурой, культурно-историческими наследиями, многообразием природных ландшафтов, рекреационные ресурсы, флорой и фауной, ит.д., которые создают материальные предпосылки для эффективного развития туризма и достижения колосанного социально-экономического результата. Последние в свою очередь может стать важным лейтмотивом для успешного развития экономики и повышения уровня жизни населения республики.

**Литература**


1. Таджикистан:15лет государственной независимости. Статистический сборник.-Душанбе:2006.-488с.
2. Об основных принципах сотрудничества государств-участников СНГ в области туризма//Туринфо.-1995.-№11.-С.25-31.
3. Статические данные от страницы Комитет молодежи, спорт и туризма при Правительстве, Республики Таджикистан в направление туризма по электронному адресу www.visittajikistan.tj.
4. Таджикистан:15 лет государственной независимости. Статистический сборник.-Душанбе:2006.-488 с.


УДК 330.341.1:62

**Азизова Н.А., Амонатова М.А.**

## НИЗОМИ ИННОВАТСИОНЇ ҲАМЧУН ҚИСМАТИ НИЗОМИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

*Дар мақолаи мазкур оид ба низоми инноватсионӣ дар бахши низоми иқтисодиёти миллӣ омӯхта шудааст. Таваҷҷуҳи хоса ба самти инноватсия дар соҳаҳои саноат, истеҳсолот ва хизматрасонӣ дар шароити муосир.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *инноватсия, низоми иқтисоди, хоҷагидорӣ, соиноватсия, саноат, иқтисодиёти миллӣ.*

**Азизова Н.А., Амонатова М.А.**

## ИННОВАЦИОННАЯ СИСТЕМА КАК ЧАСТЬ СИСТЕМЫ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

*В статье изучены теоретические вопросы роль инновационной системы в современных условиях. Особые внимание указанно на инновационной направления в сферах промышленности, производства и услуги современном условиях.*

***Ключевые слова:*** *инновация, экономическая система, хозяйствования, соиновация, промышленность, национальная экономика.*

**Azizova N.A., Amonova M.A.**

# THE SYSTEM OF INNOVATION AS PART OF NATIONAL ECONOMY SYSTEM

*In article was leered questions, role of innovation system in modern condition. Special attention was indicate of innovations system in share of industries, production and scurvies in modern condition.*

***Key words:*** *innovation, economy system, household, soinovation, industry, national economy.*

Дар шароити имрузаи пешбурди низоми мақсадноки хоҷагидории истеҳсолию тиҷоратӣ дар амал тадбиқ намудани як идея ва ё андешаи навинро бо истилоҳи иқтисоди инноватсия меноманд, ки он ташаббускорӣ, эҷодкорӣ, навовариро дар фаъолияти соҳавии менеҷерон ифода мекунад. Ин раванд дар яке аз ҳадафҳои афзалиятноки давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон дар самти таъмини рушди иқтисодии дарозмуддат назаррас мебошад. Зимнан истеҳсоли маҳсулоти зиёд бо сифати баланд ва таъмини сатҳи баланди некуаҳволии мардум дар назар аст. Рушди иқтисодӣ бо баландшаваии самаранокии истеҳсолот, коҳиши бекорӣ, муътадилии нарх ва молия, васеъшавии алоқаҳои байналхалқӣ ва дигар ҷараёнҳои мусбии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳамроҳӣ карда мешавад.

Рушди иқтисодӣ ин натиҷаи фаъолияти самараноки корхонаҳои ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, махсусан саноат мебошад. Илми иқтисодӣ дар замони муосир мушкилоти сиёсати саноатиро таҳлил намуда, ду ҷараёни зеринро ҳамчун асоси рушди иқтисодӣ номбар мекунад:

- ивазшавии равияи технологӣ, ки барои сохтани маҳсулоти нав ва ё баландбардории самаранокии истеҳсолоти маҳсулоти қаблан аз худ шуда, мусоидат мекунад;
- рушди ҳаҷми истеҳсолот дар асоси равияҳои мавҷудаи технологӣ, маҷмӯи усулҳои техники истеҳсоли мол, хизмат ва ташкили оқилонаи шаклҳои ташкилӣ – ҳуқуқии фаъолияти хоҷагидорӣ.

Назарияи равияҳои технологӣ дар се даҳсолаи охир 5 марҳилаи инкишофи худро аз сар гузаронид, ки ҳар яки онҳо шакли нави равияи технологиро ташкил медиҳанд.

Дар таҷрибаи таҳлили иқтисодӣ як мафҳумҳое истифода мешаванд, ки дар бораи инноватика, иноватсия ва ҷараёнҳои иноватсионӣ маълумот медиҳанд.

Инноватика – соҳаи илм буда, назарияҳои гуногуни навоварӣ, ташаккули навигариҳо, паҳншавии онҳо, омилҳои ба навоварӣ таъсиррасонанд, коркарди қарорҳои иноватсионӣ ва ғайраро дар бар мегирад [1].

Фаъолияти иноватсионӣ ин механизми хосе мебошад, ки ба амалисозии натиҷаҳои тадқиқотҳои илмӣ ва коркардҳои анҷомёфта ва ё дигар дастовардҳои илмӣ – техникӣ, маҳсулоти нав ва ё такмилёфта, такмили ҷараёнҳои технологӣ ва инчунин тадқиқотҳо ва коркардҳои иловагии ба он алоқаманд равона карда шудааст.

Иноватсия (навоварӣ) натиҷаи ниҳоии фаъолияти иноватсионӣ буда, дар шакли маҳсулоти нав ва ё такмилёфтаи дар бозор фурухташаванда ва ё

ҷараёнии технологии нав ва такмилшудаи дар фаъолияти корхона истифодашаванда, амалӣ карда мешавад.

Иқтидори иноватсионии корхона (соҳа, минтақа, давлат) – ин маҷмуи намудҳои гуногуни захираҳо, аз ҷумла захираҳои моддӣ, молиявӣ, зеҳнӣ, илмӣ – техникӣ ва ғайра мебошад, ки барои амалисозии фаъолияти иноватсионӣ зарур аст.

Соиноватсионӣ – соҳаи фаъолияти истеҳсолкунандагон ва ё истеъмолкунандагони маҳсулот (кор, хизмат) иноватсионӣ мебошад, ки ба сохтан ва паҳнкунии иноватсия алоқаманд аст[2].

Аз роҳу усули системавӣ истифода бурда истода, мо бояд ба мувофиқа биёем, ки чи гуна ҳудудҳоро, ки системаи навовариро аз дигар системаҳои иҷтимоӣ ҷудо мекунанд, муайян намоем.

Аммо равшан аст, ки чиро ба системаи навоварӣ дохил намудан ва чиро дохил накардан муайян намудан мураккаб аст (Nelson and Rosenberg. 1993:4-5). Дар ин ҷо фаҳмиши системаи навоварӣ ҳамчун яке аз зерсистемаҳои иқтисодиёти миллӣ дар қатори дигар зерсистемаҳо, ба монанди системаи истеҳсолот,системаи молия бозори меҳнат ё системаи муносибатҳои истеҳсолӣ пешниҳод карда мешаванд.

Ҳамчун зерсистемаи иқтисодиёт, системаи навоварӣ (иноватсионӣ) дар: пайдоиши тағйироту дигаргуниҳо дар системаи иқтисоди бо роҳи дарёфт, истеҳсол ва паҳн кардани донишҳои нав – мавриди таваҷҷӯҳ қарор дода мешавад (Huknes 2000). Вазифаи асосии системаи навоварӣ – дар афзоиши иқтисодиёт тавасути истеҳсоли донишҳое, ки махсусан баҳри модеркунонии (замонавӣ кардани системаи истеҳсолот, маҳсулот хизмат ва ҷараёнҳост). Аз ин рӯ, системаи навоварӣ ба болоравии иқтисодиёт ва рақобатпазирӣ танҳо саҳми бавосита мегузарад.

**Алоқамандии системаи навоварӣ бо дигар системаҳои иқтисодиёти миллӣ.**

Аз ҷониби дигар барои иҷрои вазифаи замонавикунонии худ системаи навоварӣ аз бисёр ҷиҳат аз дигар зерсистемаҳои иқтисодиёт вобастааст.

Барои мисол, фаҳмост, ки барои бизнеси (тиҷорати) хурд, ки дар ҷараёнҳои навоварӣ нақши калидиро мебозад, аз бисёр ҷиҳат дастрас будани сармояи венчурӣ? вобастааст. Нақши муҳими бозори меҳнат барои ҷараёнҳои навоварӣ ба қадри кофӣ маълум аст,чунки офаридани (сохтани) маҳсулоти нав ва ҷараёни технологӣ ё ки хизматрасониҳои нав аз бисёр ҷиҳат аз дастрас будани кормандони ба қадри кофӣ боихтисос вобастааст. Ин маънои онро дорад, ки бозори меҳнат ба кормандон ҳавасмандгардонии ба қорҳои навоварӣ – нигаронида шуда ҷалб шуданро бояд пешниҳод намояд.

Қобиляти системаҳои навоварӣ иҷро намудани вазифаи замонавикунонии худ инчунин аз таъсири мусбати иҳотаи он вобастааст, ба монанди системаи маълумот, илм, қонунгузорӣ ва ё фарҳанг масалан, Навоварӣ будани иқтисодиёт аз ҷойгиршавии захираҳои тадқиқоти ба захираҳои бештар навоварӣ будаи хай-тек индустряҳо низ вобастагӣ дорад. Навоварӣ будани кишвар низ, агар системаи маълумот қобиляти ворид намудани тағйиротҳои пешакиро барои дастгирӣ намудани пайдоиши соҳаҳои навовариашон баланди саноат надошта бошад, маҳдуд аст. Барои он ки таъсири системаи (низоми) қонунгузорӣ ба фаъолияти навоварӣ нишон дода шавад, мо бояд танҳо ҳуқуқи моликият ва танзими патентиро (иҷозатномавӣ) хотир расон намоем. Аммо

таъсири мушахаси танзими қонунгузорӣ ба фаъолияти навоварӣ (иноватсиони) камтар аён аст (фаҳмост). Ҳарчанд ки патентҳо метавонанд ширкатҳоро дар маблаӯгузорӣ ба фаъолияти тадқиқотӣ бо хотари калон ҳавасманд гардонанд, инчунин барои паҳн кардани донишҳо метавонанд мушкилӣ эҷод намояд, ки ин дар фаъолияти навоварии дигар ширкатҳо монъ мешаванд ва ниҳоят, на барои аҳамият, балки барои хотиррасон намудан, ин рӯҳияи соҳибкорӣ ҳачун ҷузъи асосии фарҳанги таӯирот, ки олими калидию нигоҳдоранда барои фаъолияти навоварӣ дар кишвар мебошад.

**Системаи навоварӣ – системаи кушода**.

Хулоса кардан мумкин аст, ки барои таҳмили дурусти системаи навоварӣ мо бояд онро ҳачун системаи кушод, ки бо дигар системахо алоқамандии зич дорад, фаҳмем. Зеро системаи навоварӣ зерсохтори системаи иқтисодӣ буда, вазифаҳои (функсияҳои) он замонавӣ кунонии низоми истеҳсолот тавассути коркарди (таҳияи) маҳсулоти нав ва ҷараёни технологӣ инчунин хизмат ва дигар навовариҳои иҷтимоӣ мебошанд. Самаранок амалӣ намудани функсияҳои замонавикунонӣ аз маълумотҳои воридотӣ аз дигар зерсохторҳои иқтисодиёт, ба монанди системаи молиявӣ, бозори меҳнат ё ин ки низоми муносибатҳои истеҳсолӣ, инчунин дастгирии дигар зерсохторҳои ҷамъият, аз ҷумла низоми маълумот, низоми илм, низоми қонунгузорӣ ё ин ки низоми фарҳанг вобаста-аст.Ин нишон медиҳад,ки барои беҳтар намудани навоварӣ мамлакат мо бояд аз роҳу усули холистекӣ,яъне бутун истифода барем, ки он бо як худи системаи навоварӣ маҳдуд намешавад.

**Системаҳои саноати миллию минтақавии навоварӣ ва тафсир барои нашр (чоп).**

Яке аз далелҳои асосии роҳу усули системавӣ он мебошад, ки дар он ҷое ки прогресси (пешравии) илмию техникии ҷиддӣ дар маҷмӯъ ҳамчун натиҷаи реҷаҳои хоси барои хизматрасониҳои се омил метатонанд таъсир расонанд: миқёси ҷуғрофӣ,технологияҳо ва сектори индустриалӣ.

Тадқиқодчиёне, ки ба системаҳои технологӣ таваҷҷӯҳ доранд, тасдиқ менамоянд, ки мафҳуми “миллӣ” аз ҳад зиёд васеъ аст, зеро сохторҳои инс-титутсионалие, ки навовариҳоро дар як соҳа дастгири менамоянд, метавонанд барои дигар соҳаҳо чандон муҳим набошанд: институтҳои ҷамъиятии (муҳити институтсионалти) ду соҳа метавонанд ҳамдигарро пӯшонанд? (қисман мувофиқ оянд.)

Консепсияи системаҳои технологӣ нисбат ба тавсифномаҳои маҳдуди техникии маҳсулот васеътаран. Пас, тавре ки Карлсон ва Станкиевич (1995) тасдиқ менамоянд, системаҳои техникӣ дар тадқиқоти соҳавӣ беҳтар таҳлил карда мешаванд. Фарқияти системаҳои навоварии миллиро ба гумон аст, ки бо усулҳои гуногуни истеҳсолот (технологияи истеҳсолот ) фаҳмондан имконпазир бошад, баръакс, муносибати ҷиҳатҳои сахту суст дар соҳаҳои мухталиф қатъиян муҳим мешаванд.(Archibugi and Michie 1997).

**Қисматҳои кластерҳои саноат.**

Вақтҳои охири олимон ба қисматҳои кластерҳои саноат ҳамчун ба ҷанбаи асосии системаҳои навоварӣ, соҳаҳои асосӣ бо он алоқаманди саноатро дохил (ворид) намуда, таваҷҷеҳ зоҳир менамоянд. Барои мисол, дар хусуси кластери ҷангали Финляндия, ки саноати селлюлоза ва қоғазбарориро ҳамчун асоси умумӣ дар бар мегирад, сухан ронда, мо инчунин дар хусуси саноати моши-насозӣ, химия ва индустрияҳои ба наздики пайдошуда ICT ва индуситрияи

биотехнологиро қайд менамоем. Сарфи назар аз он,ки саноати селлюлоза ва қоғазбарорӣ камнаовар ҳастанд, замонавӣ кунони онҳо аз навовариҳои маҳсулот ба ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар соҳаҳои нигоҳ доранда(дастгири кунанда) вобастааст.

Нелсон (Nelson) низ муҳим будани ин секторро (сохторро) қайд карда мегӯяд, ки агар мо ба системаи муаяни навоварии маҳдудт такя кунем, динамикаи (серамалӣ, серҳаракати ) сектор хело муҳим аст.

**Ҷанбаҳои ҷуғрофии системаҳои навоварӣ .**

Одатан тадқиқоти системаи навоварӣ дар миқиёси ҷуғрофӣ муаян карда мешавад. Сараввал системаҳои навоварӣ дар ҳудудҳои милли тавсиф шуда , иқлими мобайни солҳои 1980-умро иникос менамуданд, ки онро Nelson Posenberg (Нелсон Розенберг) ҳамчун миллии (миллатчигии?) техникӣ (техникимиллӣ) тавсиф намуда буд. Роҳу усули системаҳои миллии навоварӣ тасдиқ менамояд, ки дар ҳар як мамлакат ташкилоту институтҳои хосе мавҷуданд, ки бехатарии истеҳсолот ва фаъолияти навоварии ширкатҳоро таъмин менамояд. Забон ва фарҳанги ягона бошанд системаро муттаҳид намуда, ба он хусусияти миллӣ мебахшад. Ҷузъиёти ватандӯстӣ низ аз таваҷҷуҳи миллии навоварӣ ва дигар сиёсатҳо, ки боиси муҳити навоварӣ мегарданд, бармеоянд (Metcolge 1997 ) (285).

Аммо ба ин нигоҳ накарда, қисми зиёди олимон бар он ақидаанд, ки ба туфайли ғалабашавии ҷараёнҳои технологӣ, саноатӣ иқтисодӣ ва ғайра, муҳимияти омилҳои хоси миллӣ дар ҷараёнҳои рушди технологӣ поён меравад. Onmae (1993 ) мисол, изҳор менамояд, ки ҳудудҳои миллии вобаста ба иқтисодиёт аз байн мераванд. Давлати миллӣ ба зудӣ нодаркор мегардад, зеро ҳудудҳои анъанавии миллии системаҳои навоварӣ анқариб аз байн мераванд. Onmae бар он ақидаес, ки давлатҳои миллӣ иқтидору таъсирӣ худро ба институту ташкилотҳои трансмиллӣ аз даст медиҳанд, аз як тараф, ҳам ба иштирокчиёни минтақавӣ,аз тарафи дигар тавре ,, аз поён ба боло ‘’, ҳамин тавр ,,аз боло ба поён’’. Нисбат ба ҷанбаи ҷуғрофӣ, ду тамоюли навро баробар, ҳаммонанд кардан мумкин аст: аз як тараф ҷараёнҳои навоварие, ки ҳарчи бештар трансмиллӣ мешаванд ва пайдоиши шабакаҳои минтақавт ё ин ки маҳаллии навоварӣ аз тарафи дигар.

Poter (1990, ва инчунин Lunavall 1992, Nelson 1993 Freman 1997) қатиян бар зидди муҳиммияти афзояндаи институтҳои трансмиллӣ таъсири камшавандаи (сустшавандаи) системаҳои миллии навоварӣ баромад мекунанд.

Тибқи андешаҳои ӯ, фарқият дар сохторҳои иқтисодии миллӣ, арзишҳо, фарҳангҳо,муасисаҳо ва таърих ба мувафақияти рақобатнок ба таври ҷиддӣ мусоидат менамояд. Гумон меравад,ки голобалишавии рақобат, боз як далели дигар меоварад Porter милатро бештар ё камтар муҳим мегардонад. То ин ки фирмаҳо ва соҳаҳои ватании ба рақобат тобоваро набударо ҳифз намояд, миллат ба савдо (тиҷорат) монеа гардида, соҳибаҳмият мешаванд, чунки вай сарчашмаи маҳорат ва технологияҳое мебошанд, ки афзалиятнокии рақобатро дастгири менамоянд.

**Таъсири давлат ба системаҳои навоварӣ**

Илова бар ин, қисми зиёди сиёсатҳои давлатӣ, ки ба фаъолияти навоварӣ таъсир мерасонанд, ба монанди пешин дар сатҳи миллӣ ба нақша гирифта шуда амалӣ мегарданд. Давлати миллӣ қариб дар ҳама соҳаҳои саноат ҳанӯз ҳам ташкилоти ҳуқуқи меюошанд. Муҳимияти сатҳи миллӣ бояд онҳолатеро,ки

захираҳо ва қобиляти гузаронидани намудҳои гуногуни сиёсат, хоҳ вай сиёсати иқтисодӣ, хоҳ саноатӣ ва хоҳ технологӣ, хоҳ сиёсати бозори меҳнат ва ё иҷтимоӣ ё ин ки сиёсати маълумот, бо давлати миллӣ вобастааст.

**Ҷанбаи минтақавии низмоми навоварӣ**

Ҳарчанд тасдиқи он ақида, ки давлати миллӣ тавоноӣ ва таъсири худро ,, аз поён ба боло '' ба институтҳои трасмиллии навоварӣ ниҳоят баҳсталаб аст, ақида ба таври васеъ паҳнгардидае ҷой дорад, ки ҷанбаи минтақавӣ дар ҷараёнзҳои навоварӣ бештар муҳим мегарданд (Pione and Sabel 1984, Storper and Scott 1989).

Минтақашавии фаъолияти навоварӣ бо ҷараёни голобалишавӣ алоқамандии сахт дорад. Ohae (1993) изҳор дорад, ки дар дунё, ки ҳар чӣ бештар ҳудудҳо аз байн мераванд, ки дар он ширкатҳо озодии бештар ҷойгир кардани фаъолияти истеҳсолии худро дар тамоми дунё доранд, минтақа соҳаи табиию муқарарии иқтисодӣ мебошанд.

**Адабиёт**


1. Мазур, Н. З. Инфраструктура создания и использования интелектуальной собственности на региональном уровне \ Н. З. Мазур, М. П. Левина \\ инновации. – 2005. -7. С
2. © 2005-2015 “Институт Региональных Инновационных Систем". (www.innosys.spb.ru)/


УДК 556.5.06.674

**Аброров Ҳ., Аҳмадов А.Ш., Қодиров Ш.С.**

## ХУСУСИЯТИ РЕҶАИ ГИДРОЛОГИИ ДАРЁҲОИ МУЗОФОТИ РАШТОНЗАМИН ВА АҲАМИЯТИ ИҚТИСОДИИ ОНҲО

*Мақола ба масъалаҳои тарзи гизогирӣ, реҷаи гидрологӣ ва хосиятҳои химиявии дарёҳои музофоти Раштонзамин аз қабили Қизилсу, Мугсу, Сурхоб, Хингоб ва шохобҳои онҳо бахшида шудааст. Дар баробари ин баъзе паҳлӯҳои иқтисодии истифодаи захираҳои онҳо омӯхта шудааст.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *дарё, пирях, навъҳои гизогирӣ, сарчашма, пуробӣ, камобӣ, обшораи сахт, модули обшора.*

**Аброров Х., Ахмадов А.Ш., Кодиров Ш.С.**

## ОСОБЕННОСТЬ ГИДРОЛОГИЧЕСКОГО РЕЖИМА РЕК РАШТСКОЙ ДОЛИНЫ И ЕГО ЭКОНОМИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ

*Статья посвящена изучению вопросов формирования, гидрологических режимов и химических свойств рек Раштской долины, в том числе рек Кызылсу, Муксу, Сурхоб, Хингоб и их притоков. А также изучены некоторые экономические стороны использования ресурсов этих рек.*

***Ключевые слова:*** *река, ледник, виды формирования, исток, половодья, маловодя, твёрдый сток, модул стока.*

**Abrorov H. Ahmad A.Sh. Kodirov Sh.S.**

## FEATURE OF HYDROLOGICAL REGIME OF THE RASHT VALLEY RIVERS AND ITS ECONOMIC IMPORTANCE

*The paper studies the issues of formation, hydrological regimes and chemical properties of the Rasht Valley rivers, e.g. Kyzylsu, Muksu Surkhob, Hingob rivers and their tributaries. And explore some of the economic aspects of the use of resources of these rivers.*

***Keywords:*** *river, glacier, forming species, source, high water, low water, solid runoff, runoff modulus.*

Музофоти географии Раштонзамин дар қисми шимолу шарқии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ гардида, аз самти шимол бо Қирғизистон аз шарқ ва ҷанубу шарқ ба Помиру музофоти Кӯлоб, аз ғарб бо музофотҳои географии Ҳисор ва Кӯҳистони Зарафшон ҳамҳудуд мебошад. Ба музофоти географии Раштонзамин ноҳияҳои маъмурии Нуробод, Рашт, Роғун, Сангвор, Тоҷикобод ва Лахш дохил мешаванд, 17,3 ҳазор киллометри мурабаъро дарбар мегирад.

Дарёҳои музофоти Раштонзамин шохобҳои асосии саргаҳи дарёи Вахшро ташкил медиҳанд. Ин дарёҳо сершумор ва сероб буда, асоси манбаи ғизогирии Вахш ба ҳисоб мераванд, шабакаҳои зичро ташкил додаанд. Маҳз дар натиҷаи ҳамроҳ шудани Сурхоб ва Хингоб дарёи Вахш ташаккул меёбад. Дарёҳои Сурхобу Хингоб ва шохобҳои онҳо нишебии калон, захираи калони гидроэнергетикӣ ва лойолудии зиёд доранд, барои ҳамин ҳам яке аз онҳо ранги сурх дошта ба худ номи Сурхоб ва дигаре ранги хокистарӣ дошта, ба худ номи Хингобро гирифтааст.

Дарёи Сурхоб дар натиҷаи ба ҳам омезиш ёфтани Қизилсуи Олой ва Муғсуи аз шимолии Помир меомада, ташаккул меёбад, ба самти ғарб ҷорӣ шуда, аз самти росту чап боз чандин шохобҳоро қабул намуда, ба дарёи серобу пурталотум табдил меёбад. Барои ҳамин ҳам мо тасмим гирифтем, ки аввало доир ба ду шохоби калони он яке Қизилсу ва дигаре Муғсу маълумот дода, сонӣ доир ба шохобҳои хурд ва худи Сурхобро тавсиф намоем.

**Дарёи Қизилсу** (номи туркӣ буда, ба забони тоҷикӣ маънои «Сурхоб»-ро медиҳад) саргаҳи дарёи Сурхоб буда, аз ҳудуди води Олойи Қирғизистон гузашта ба марзи Тоҷикистон ворид мешавад. Ҳавзаи ғизогирии ин дарё 8380 км$^2$ буда дарозиаш ба 254 км мерасад. Дарёи Қизилсу аз баландии 3800 м сарчашма гирифта, дар баландии 1836 м ба дарёи Сурхоб ҳамроҳ мешавад. Дарёи Қизилсу аз шохобҳои сешумори ҷанубии қаторкӯҳи Олой ва шимолии қаторкӯҳи Паси Олой ташаккул меёбад.

Дар водии Олой соле то 1000 мм бориш мешавад, барои ҳамин ҳам дар баландкӯҳҳои қаторкӯҳи Олой ва Паси Олой пиряхҳои зиёд ташаккул ёфта, масоҳати калонро (648,9 км$^2$) фаро гирифтаанд. Сарчашмаи Қизилсу **Айлама** ном дошта аз ҷанубу шарқии қаторкӯҳи Олой оғоз меёбад. Дар ибтидо 6 км ба самти шарқ аз байни водии танг ҷорӣ шуда, пасон тӯли 10 км тоб хӯрда ба ҷануб, ба водии Олой мебарояд. Аз тарафи чап ба он рӯди **Қаросу** (Оби Сиёҳ) , ки аз нишебии шимолии қаторкӯҳи Паси Олой аз пирях ибтидо меёбад, ҳамроҳ шуда, Қизилсу ном мегирад. Аз тарафи росту чап ба Қизилсу рӯдҳои Қурумдӣ, Келмаксу, Қашқасу ҳамроҳ мешаванд.

Дарёи Қизилсу аз ҷиҳати ғизогирӣ ба гурӯҳи дарёҳои ғизогириашон пиряхию барфӣ мансуб аст (12%), гарчӣ ҳиссаи ғизогирии пиряхӣ кам аст, вале пуробии дарё ба моҳҳои июн-август мувофиқат мекунад. Ғизогирӣ аз ҳисоби барфҳои мавсимӣ 13%, вале аз ҳисоби обҳои зеризаминӣ 75%-ро ташкил медиҳад. Ин аломат яке аз нишондиҳандаи калон барои дарёҳои Қирғизистону Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Ибтидои серобшавии баҳорӣ-тобистонӣ дар дидбонгоҳи Дароот- Қӯрғон аз 26 моҳи март оғоз ёфта, дар 7-уми моҳи октябри хотима меёбад. Зуҳури начандон зиёди серобшавӣ аз ҳисоби об шудани барфҳои мавсимии водии Олой рух медиҳад; серобшавии бештар аз ҳисоби пиряху барфҳои шимолии қаторкӯҳи Паси Олой ба амал меояд. Харҷи бештар серобшавии дарё одатан дар охири июн ва ибтидои моҳи июл рух медиҳад. Ин ҳодиса бо маром, оҳиста падид меояд ва аз 153 $м^3$ /сония беш намешавад, модули максималии обшора ба 19 л /сония $км^2$ баробар мешавад. Ба ҳисоби миёна давраи серобӣ ба 195 рӯз баробар буда, дар ин муддат 64% харҷи солонаи об ба амал меояд.

Харҷи минималии (камтарини) об одатан ба моҳи феврал ва ё ба миёнаи моҳи март мувофиқат мекунад. Харҷи минималии миёнаи шабонарӯзӣ ба 23,2 $м^3$ /сон мефарояд ва дар ин ҳол модули обшора 4,08 л/сон $км^2$ баробар мешавад.

Харҷи миёнаи солонаи оби дарёи Қизилсу дар саргаҳаш мувофиқи татқикоти А.О.Кемерих (1978) ба 11,4 $м^3$ / сон, дар қишолқи Дароот - Қӯрғон -43 $м^3$ /сон ва дар поёноб 67, 2 $м^3$ /сон-ро ташкил медиҳад. Тӯли сол дарёи Қизилсу ба дарёи Сурхоб 2,22 $км^3$ об медиҳад.

Яхбандии оби дарёи аҳён-аҳён солҳои алоҳида рух медиҳад, канори дарё ях мебандад, сатҳи болои дарё пурра ба ях пӯшида намешавад. Яхбандии соҳили 77 рӯз тӯл кашида метавонад. Шохобҳои баландкӯҳи дарёи Қизилсу дар фасли зимистон то қаърашон ях мекунанд.

Лойолудии дарё тақрибан ба 2000-4000 г/$м^3$ баробар аст. Дар ҳавзаи Қизилсу ҳодисаи сел борҳо ба мушоҳида расидааст. Маъданнокии оби дарёи Қизилсу дар фосилаи серобӣ ба 400-600 мг/л, вале дар давраи камобӣ то ба 700-800 мг/л боло меравад. Дуруштии об дар фосилаи пуробӣ мӯътадил буда, дар давраи камобӣ дурушт мешавад.

Шохоби серобтарини дарёи Қизилсу рӯди **Куксу (Кабудоб)** ном дошта аз шимолии пиряхи Абрамов сарчашма мегирад, қаторкӯҳи Олойро миёнбур намуда, ба ҷануб ба води Олой баромада ба драёи Қизилсу ҳамроҳ мешавад. Ҳавзаи обғундори **Куксу (Қоқсу)** 902 $км^2$ ва дарозиаш ба 59 км баробар аст. Аз шохобҳои тарафи рости Қизилсу танҳо дар ҳавзаи рӯди Куксу ба миқдори зиёд (73,6 $км^2$) пирях мавҷуд аст, ва он 8,2% майдони ҳавзаи обғундори дарёро ташкил медиҳад. Дарё дар саргаҳи худ аввало ба самти шарқ ҷорӣ шуда, пасон ба ҷанубу шарқ тоб мехӯрад. Тӯли 22 км масофаи аввал ба ин рӯд шохобҳои зиёд ҳамроҳ мешаванд, сонӣ ба рӯди **Ҷуғуртош** ҳамроҳ мешавад, поёнтар ба Коксу рӯди **Текелик** пайваст мешавад.

Харҷи миёнаи солонаи Куксу дар поёноб ба 18,4 $м^3$ / сония баробар буда, модули обшораш 20,9 л/сония $км^2$- ро ташкил медиҳад. Куксу аз ҷиҳати ғизогирӣ ба рӯдҳои пиряхию барфӣ мансуб мебошад. Доир ба яхбандӣ, обовардҳои сахт ва таркиби химиявии об маълумот вуҷуд надорад, ин масъала таҳқиқоти мушаххасро металабад. Шохоби дигари нисбатан калони Қизилсу рӯди **Қизилагин** ном дорад, он аз шимолии қаторкӯҳи Паси Олой оғоз меёбад.

Майдони ҳавзаи дарё 282 км$^2$ буда, дарозиаш ба 40 км мерасад. Дар ҳавзаи ин рӯд 96,9 км$^2$ пирях мавҷуд буда, ба 35%-и майдони ҳавза баробар аст. Ин ҷо калонтарин пиряхи шимолии қаторкӯҳи Паси Олой - пиряхи ба номи муҳаққиқи машҳури табиати Осиёи Миёна номгузорӣ шуда, пиряхи **Е.Корженевский** воқеъ мебошад. Пиряхи Корженевский 21,5 км дарозӣ ва бо шохаҳояш 73,0 км$^2$ масоҳатиро фаро гирифтааст. Рӯди Қизилагин аз зери пиряхи Корженевский сарчашма мегирад, баландии мутлақи саргаҳи рӯд 3900 м аст. Ин рӯд дар ибтидо ба самти шимолу шарқ ҷорӣ шуда, баъдан ба самти шимолу ғарб тоб хӯрда, ба води Олой мебарояд ва ба дарёи Қизилсу ҳамроҳ мешавад. Харҷи миёнаи солонаи ин рӯд ба 1,6 м$^3$/сония баробар аст, дар ин ҳол модули обшора 13,6 л/сония км$^2$ - ро ташкил медиҳад.

**Дарёи Муғсу** шохоби дуюми калони Сурхоб буда, 88 км дарозӣ ва 7070 км$^2$ майдони обгирӣ дорад. Ҳавзаи дарёи Муғсу ба ҳисоби миёна дар баландии 4540 м ҷойгир аст ва дар ҳавзаи дарёи Вахш ин нишондиҳандаи баландтарин ба ҳисоб меравад. Қаторкӯҳҳои ҳавзаи ин дарёрро иҳота намуда, аз 6500 м бештар баландӣ доранд, 3 қулла аз 7000м бештар баллад мебошанд. Ба ин қабил қуллаи **Исмоили Сомонӣ** (7495м), қуллаи **Ибни Сино** (7134 м) ва қуллаи **Евгений Коржневский** (7105 м) мансубанд.

Баланд ҷойгир шулдани ҳавзаи ин дарё боиси он гардидааст, ки бориш бештар (то 2500 мм) дар шакли сахт (барф) меборад. Чунин вазъият имконият фароҳам овард, ки дар ҳавзаи ин дарё бо миқдори зиёд пиряхҳои калон (2088 км$^2$) пайдо шаванд. Ин пиряхҳо 29,5% майдони обғундри дарёро ташкил додаанд. Дар ҳавзаи дарёим Муғсу 995 пирях ба ҳисоб гирифта шудааст, ки ҳар яке ба ҳисоби миёна 2,1 км$^2$ масоҳат доранд. Пиряхҳои аз 2 км$^2$ хурдтар масоҳат дошта, 81% шумораи умумии пиряхҳо, вале танҳо 16,9% майдони умумии пиряхҳоро ташкил медиҳанд. Пиряхҳои нисбатан калон, ки масоҳаташаон аз 10 км$^2$ беш мебошанд 46 адад буда, 1146,5 км$^2$ масоҳатро фаро гирифтаанд, ки ба 55% ҳамаи пиряхҳо баробаранд. Пиряхҳои калонтарини Тоҷикистон асосан дар ҳавзаи дарёи Муғсу воқеъ мебошанд.

Дарёи Муғсу дар натиҷаи ба ҳам якҷоя шудани рӯдҳои **Селдара** ва **Савуқсой (Сойихунук)** ташаккул меёбад. Минбаъд тӯлли ҳаракат ба дарёи Муғсу якчанд рӯдҳои дигар ҳамроҳ шуда, миқдори оби дарёро афзоиш медиҳанд. Ин шохобаҳо аз пиряхҳои Фортомбек, Суғрон, Музгазӣ (25км$^2$) ва ғайра ибтидо мегиранд. Водии дарёи Муғсу гоҳҳо тангно ва гоҳҳо то ба 1,5-1,8 км васеъ мегардад, дар назди резишгоҳ (дарёи Қизилсу) ба шохаҳо тақсим шуда, ба Қизилсу ҳамроҳ мешавад.

Дарёи Муғсу ба типи (гурӯҳи) дарёҳои ғизогириашон пиряхию барфӣ мансуб буда, 52% ғизояшро яхобаҳо, 30%-ашро барфобаҳо ва 18%-ро обҳои зеризаминӣ ташкил медиҳанд. Азбаски ҳавзаи дарёи Муғсу аз сатҳи баҳр хеле баланд ҷойгир шудааст, давраи серобшавӣ нисбат ба дигар ҳавзаи дарёҳо дертар , яъне аз даҳаи аввали моҳи май оғоз ёфта, дар миёнаи моҳи октябр хотима меёбад. Давраи серобии дарё 162 рӯз идома ёфта, дар ин фосила аз маҷрои дарё 89%-и оби солонаи он мегузарад. Қуллаи серобии дарёи Муғсу ба охири нимаи авали моҳи август рост меояд. Камобии минималии зимистонаи шабонарӯзӣ ба 13,8 м$^3$/сония мефарояд, дар ин ҳангом модули минималии обшора 2,11 л/сония км$^2$-ро ташкил медиҳад.

Харҷи миёнаи солонаи оби дарёи Муғсу дар поёноб ба 103 м$^3$ /сония баробар аст, дар ин ҳол модули обшора 15,7 л/сония км$^2$-ро ташкил медиҳад. Агар

яхбандии оби дарёи Муғсу дар саргаҳаш ба миёнаи моҳи сентябр мувофиқат кунад, дар миёна ва поёнобаш ба моҳҳои октябр-ноябр рост меояд. Яхбандии устувори шохобҳои баландкӯҳи Муғсу дар моҳи декабр рух медиҳад.

Дарёи Муғсу ва шохобҳои он гилолудии баланд (зиёд) доранд, бузургии гилолудӣ аз саргаҳ ба самти поёнҷараён афзоиш ёфта, соле ба 11760 ҳаз.тонна мерасад. Ҳавзаи дарёи Муғсу селхез аст, он ба таркибу хосиятҳои ҷинсҳои кӯҳии ба осонӣ шусташаванда (гил, рег, варақсанг, олоизҳо), нишебии калони дарё, серобшавии дарёҳо вобаста мебошад, бештар гилию сангомез мешаванд.

Яке аз хусусияти хоси маданнокии оби дарёи Муғсу ва дуруштии он аз он иборат мебошад, ки ин хосиятҳо аз саргаҳ ба самти поёноб афзоиш меёбанд. Таркиби химиявии рӯдҳои Селдара ва Савуқсой тағйирёбанда, вале таркиби оби рӯдҳои Баландкиик, Танимаси Хурд ва Каинди гидрокарбонатӣ буда, ҳангоми серобӣ ба 115-180 мг/л мерасанд, оби онҳо мулоим буда, ба 1,2-2,3 мг=экв баробар мешаванд.

Шохоби тарафи рости Муғсу **Савуқсой** ном дорад, он аз ҷиҳати таркиби химиявӣ ба синфи сулфатии баландмаъдан мансуб буда, ҳангоми пуробӣ ба 190-490 мг/л мерасад, дуруштиаш калон (3,09-3,94мг=экв) мебошад. Маъданнокии оби дарёи Муғсу дар давраи серобӣ дар поёнҷараён афзоиш ёфта, ба 160-350 мг/л ва дар давраи камобии зимистона ба 260-400 мг/л баланд мешавад. Дар тобистон дуруштии об мулоим (1,8-3,3 мг/экв) ва дар давраи камобии зимистона дуруштии мӯътадил (3,1-4,6 мг=экв) пайдо мекунад.

Яке аз шохоби калони Муғсу **Селдара** ном дорад, дарозии он 19 км, масоҳати ҳавзааш 3195км$^2$. Дар ҳавзаи ин рӯд пиряххо хеле бисёранд (464 пирях) ва масоҳати умумии онҳо 1215,4 км$^2$ ташкил медиҳанд, онҳо 40%-и майдони обғундории дарёро фаро гирифтаанд. Рӯди Селдара сарчашмаи худро аз пиряхи калонтарини кӯҳӣ – **Федченко** мегирад (дарозии ин пирях 77 км, майдони яху фирнаҳо бо ҳамроҳии шохаҳояш 651,7 км$^2$). Поёнтар аз сарчашмаи Селдара ба он шохобҳои Баландкиик, Танимаси Хурд ва Каинди ҳамроҳ шуда, рӯди Селдараро пуробтар мегардонанд. Дар назди пойгоҳи обуҳавосанҷии «Олтин Мазор» (Мазори Тиллоӣ) рӯди Селдара бо рӯди Савуқсой ҳамроҳ шуда, дарёи Муғсуро ташкил медиҳанд.

**Рӯди Баландкиик** шохоби калонтарини дарёи Селдара мебошад. Ин рӯд 71 км дарозӣ ва 1530 км$^2$ ҳавзаи обғундор дорад. Майдони яхбандии ҳавзаи ин дарё 366,8 км$^2$ буда, 24% майдони ҳавзаи рӯдро ташкил медиҳад. Рӯди Баландкиик сарчашмаи худро аз пиряхи назди ағбаи Кокӯйбел (4780 м) мегирад. Ба он аз тарафи рости Зулумарт ном шохоб ва даҳҳо дигар шохобҳо аз тарафи чап ҳамроҳ мешавад, ки асосан ғизогирии пиряхию барфӣ доранд. Рӯд асосан аз байни дараи танги бо рӯдчаҳо буридашуда ҷорӣ мешавад. Баъди ба рӯди Баландкиик аз тарафи чап ҳамроҳ шудани шохоби **Зортекдара** води дарё васеъ мешавад.

Харҷи миёнаи солонаи оби рӯди Баландкиик ба 14,4 м$^3$/сония баробар аст, дар ин ҳолат модули обшора ба 9,4 л/сония км$^2$ баробар мешавад.

**Рӯди Каинди** аз ҷиҳати бузургии ҳавза (232 км$^2$) ва дарозӣ (33 км) дуюмин шохоби калони рӯди Селдара ба ҳисроб меравад. Дар ҳавзаи ин рӯд яхбандӣ нағз инкишоф наёфтааст (24,5 км$^2$), ҳамагӣ 10,5% майдони обғундори онро ташкил медиҳад. Пиряххо асосан дар тарафи чапи ҳавзаи рӯд ҷойгиршудаанд, бинобар он, 80% обшораи рӯдро шохобҳои тарафи чап медиҳанд.

Сарчашмаи рӯди Каиндӣ пиряхи Туроқурум буда, дар баландии 4380 м воқеъ гаштааст. Водии ин рӯд дар тамоми масофаи худ аз дараи танги канорҳояш ростфаромада иборат мебошад. Дар саргаҳи ин рӯд марғзорҳои алпӣ доман густурдаанд. Шохобҳои сершумори ин рӯд аз остонаю шаршараҳои зебои сершумор ба поён мерезанд. Дар миёна ва поёноби рӯди Каиндӣ дарахту буттазорҳои бед, ангат, настаран, бурс (арча), хаданг ва марғзор дучор мешаванд. Маҷрои дарё нишеб буда, паҳноиаш ба 17-20 м мерасад.

Харҷи миёнаи солонаи рӯди Каиндӣ дар резишгоҳаш ба 5,72 $м^3$/сония ва модули обшорааш ба 24,6 л/сония $км^2$ баробар аст.

**Рӯди Савуқсой** (Сойихунук) – дуюмин шохоби калони дарёи Муғсу буда, 64 км дарозӣ ва 1190 $км^2$ майдони обғундор дорад. Дар ҳавзаи Савуқсой, ки ҷойи хунук мебошад, яхбандӣ нагз инкишоф ёфтааст, майдони ҳар яке аз пиряхҳо ба 20-50 $км^2$ ва дарозиашон ба 10-20 км мерасанд (масалан пиряхҳои Савуқдараи Калон ва Хурд, Зулумарти Шимолӣ ва ғайра). Ҳамагӣ дар ҳавзаи рӯди Савуқсой 280 пирях ба ҳисоб гирифта шудааст, масоҳати якҷояи онҳо 419,9 $км^2$ буда, 35,3% майдони обғундори рӯдро фаро гирифтаанд.

Рӯди Савуқсой аз баландии 3950м аз зери пиряхи Савуқдараи Калон сарчашма мегирад. Ин рӯд дар тамоми роҳи ҳаракати худ аз байни водии пиряхии паҳну (0,3-0,6 км) нишеб ҷорӣ мешавад. Водӣ дар поёноб аз дараи чуқур ва маҷрои 20-30 м паҳнӣ дошта, ҷорӣ мешавад, вале ҳангоми ба рӯди Селдара наздик шудан водӣ аз нав васеъ мегардад.

**Хосият ва реҷаи гидрологии дарёи Сурхоб ва шохобҳои он.** Дарёи Сурхоб калонтарин шохоби дарёи Вахш буда, дар натиҷаи ба ҳам омезиш ёфтани рӯдҳои Қизилсу ва Муғсу ташаккул меёбад. Ин дарё аз самти шимолу шарқии музофоти Раштонзамин ба самти ҷанубу ғарб ба масофаи 151 км тӯл кашида, андаке ғарбтар аз шаҳраки Дарбанд ба дарёи Хингоб пайваст шуда, дарёи машҳури Вахшро ташаккул медиҳад.

Майдони ҳавзаи обғундори Сурхоб 7286 $км^2$-ро ташкил медиҳад. Сарчашмаи дарё дар ҷой ба ҳам омезишёбии дарёҳои Қизилсу ва Муғсу дар баландии мутлақи 1835 м ва резишгоҳаш дар баландии 1163 м воқеъ гардидааст. Нишебии миёнаи Сурхоб 4,6%-ро ташкил медиҳад. Харҷи миёнаи солонаи оби ин дарё 438 $м^3$/сония аст. Майдони яхбандии дарёи Сурхоб 401,1 $км^2$ буда, 5,5% ҳавзаи дарёро ташкил медиҳад. Дар ҳавзаи ин дарё 682 пирях мавҷуд буда, 4,1% умумии яхбандӣ ва 7,9% шумораи пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дарбар мегирад.

Ҳарорати оби дарёи Сурхоб дар моҳи январ $0,5^0$С, дар моҳи июл $11,2^0$С ва максимум ба $17,8^0$С мерасад.

Дарёи Сурхоб аз шохобҳои зиёд иборат мебошад, онҳо аз тарафи чапу рост ба он ҳамроҳ мешаванд. Шохобҳои тарафи чапу рост чи аз ҷиҳати дарозӣ ва чи аз ҷиҳати пуробӣ ва реҷаи гидрологӣ аз ҳам тафовути равшан доранд, шохобҳои тарафи чап аз нишебиҳои тарафи шимолии **қаторкӯҳи Пётри Як** сарчашма мегиранд. Ин шохобҳо чандон бузург набошанд хам, вале нисбатан серобанд. Дигар тафовут дар аст, ки нисбат ба шохобҳои тарафи рост андак дертар сероб мешаванд. Шохобҳои нисбатан калони тарафи чапи дарёи Сурхоб рӯдҳои Обишӯрак, Шӯраки Шарқӣ, Дара ва Шӯраки Ғарбӣ мебошанд.

Шохобҳои тарафи рости дарёи Сурхоб аз ҷанубу ғарбии қаторкӯҳи Олой, ҷанубу шарқии қаторкӯҳои Зарафшону Ҳисор ва шимолу шарқии қаторкӯҳи Қаротегин сарчашма мегиранд. Шохобҳои тарафи рости дарёи Сурхоб бузург ва

сероб мебошанд. Нисбат ба шохобҳои тарафи чап андаке барвақтар сероб мешаванд, зеро онҳо дар нишебиҳои ҷанубии офтобрӯяи қаторкӯҳҳои боло номбурда воқеъ гаштаанд. Саҳми шохобҳои тарафи рости дарёи Сурхоб дар ташаккулёбӣ ва пуробшавии дарё назаррастар мебошанд.

Дарёи Сурхоб аз мавзеи омезишёбии дарёҳои Қизилсу ва Муғсу то резишгоҳи рӯди **Обизанков** (шохоби рости дарёи Сурхоб) аз байни водии танг, ки гоҳо ба дараи чуқур иваз мешавад, ҷорӣ мегардад. Поёнтар аз резишгоҳи рӯди Обизанков (Коксу) водӣ васеъ мешавад, дарё дар маҷрои (сангобӣ) васеъ ҷорӣ мегардад. Дар ин қисмат дарёи Сурхоб обовардҳои худро гоҳ ба самти рост ва гоҳо ба тарафи чап иваз намуда, таҳшон мекунад, ба шохаҳо тақсим мешавад, дар байни онҳо ҷазираҳои муваққатӣ пайдо шуда меистанд. Ҳангоме, ки дарёи Сурхоб сероб мешавад тамоми сангобро об пахш мекунад.

Дар поён доир ба шохобҳои калони тарафи рости дарёи Сурхоб маълумот дода, хусусиятҳои ғизогирӣ ва реҷаи гидрологии онҳоро дар алоҳидагӣ тавсиф менамоем.

**Рӯди Сорбоғ** калонтарин шохоби тарафи рости дарёи Сурхоб буда, аз нишебии ҷанубу шарқии қаторкӯҳҳои Зарафшону Ҳисор ва шимолу шарқи қаторкӯҳи Қаротегин сарчашма мегирад. Рӯди мазкур чи аз ҷиҳати бузургии ҳавза (780 км$^2$), чи аз ҷиҳати дарозӣ (81 км) ва чи аз ҷиҳати серобӣ (68,5 м$^3$/сония) байни резишгоҳи Муғсу ва Хингоб мақоми аввал дорад. Қисми бештари кӯҳҳои ҳавзаи рӯди Сорбоғ аз сарҳади рахи барфӣ (3800 м) баланд воқеъ гардидаанд. Анбӯҳи ҳавои боришоварӣ ҷанубу ғарбӣ ба ин кӯҳҳо бархӯрда,бориши зиёд (то 2500 мм) медиҳанд. Дар ҳавзаи ин рӯд 105,6 км$^2$ пирях мавҷуд буда, 6% масоҳати ҳавзаро фаро гирифтааст. Ҳавзаи ин рӯд дар кӯҳистони Помиру Олой яке аз ҷойҳои сербориш (сернам) ба ҳисоб меравад. Барои ҳамин ҳам модули обшораи ин рӯд дар поёнобаш 40 л/сон.км$^2$ ва дар сарчашмааш ба 50 л/сония км$^2$ мерасад.

Рӯди Сорбоғ дар натиҷаи ба ҳам омезишёбии ду шохоби калон Ғориф ва Дубурса ташаккул меёбад. **Рӯди Ғориф** 741км$^2$ майдони обғундор дорад, то ба рӯди **Хадангҳо** ҳамроҳ шудан **Наукрум** ном дорад. Рӯди мазкур аз шохобҳои сершумор иборат буда, аз пиряххои нишебии ҷанубу шарқии қаторкӯҳи Ҳисор, ки 3580 м баланди дорад сарчашма мегирад. Дар ибтидо тӯли 10 км ба самти шимолу шарқ ва шарқ ҷорӣ мешавад поёнтар аз резишгоҳи рӯди **Хадангҳо** ин рӯд номи **Дарисусоф**ро мегирад, аз байни дараи гоҳ танг ва гоҳҳо васеъ шуда, ки нишебии калон дорад бо суръат ҳаракат мекунад. Сонӣ аз тарафи дасти рост, **рӯди Даштихирсон** ҳамроҳ мешавад, тӯли 16 км то ҳамроҳ шудани **рӯди Дубурса** номи Ғориф ва ниҳоят номи Соробоғро мегирад. Дар ин фосила нишебии маҷро дар ҳар як км ба 36 м мерасад. Пеш аз он, ки рӯди Дубурса ба рӯди **Ғориф** ҳамроҳ шавад аз самти чап **рӯди Дараиванҷрӯд** пайваст мешавад.

Поёнтар аз резишгоҳи Дубурса рӯди Сорбоғ якбора ба самти ҷануб тоб хӯрда, қаторкӯҳи Қаротегинро тавассути дараи танг убур намуда, мегузарад, ки ба дараи Фони ҳавзаи дарёи Зарафшон шабоҳат дорад. Пас аз он ки рӯд аз дараи танг берун меояд, води дарё 1-1,5 км васеъ мешавад. Рӯди Сорбоғ 16 км пеш аз ба резишгоҳаш расидан аз самти чап **рӯди Камаробро** қабул мекунад. Рӯди Камароб 299 км майдони обҷамъкунанда ва 39 км дарозӣ дорад. Сарчашмаи Камароб дар баландии 3600 м ва резишгоҳаш дар баландии 1301 м воқеъ гардидааст, майлони рӯд 59,0 промилро ташкил медиҳад.

Рӯди Сорбоғ ғизогирии пиряхию барфӣ дорад. Манбаи асосии ғизогирии ин рӯд об шудани барфҳои мавсимӣ (60%), об шудани пиряҳҳо (15%) ва обҳои зеризаминӣ (21%) ва оби борон (4%) ибарат мебошад. Серобшавии дарё аз миёнаи моҳҳои март оғоз ёфта, қуллаи серобӣ ба миёнаи моҳи июн (195 $м^3$/сония) ва хотимаёбии фосилаи серобӣ ба 8-уми моҳи октябр рост меояд. Давраи серобии дарё ба ҳисоби миёна 212 рӯзро фаро мегирад, дар ин фосила аз буриши кундалагии рӯди Сорбоғ 90% оби солонаи он мегузарад. Дар охири зимистон ин рӯд камоб (6,15 $м^3$/сония) мешавад. Харҷи миёнаи солонаи оби рӯди Сорбоғ дар резишгоҳаш 68,5$м^3$/сония ва модули обшорааш ба 38,9 л/сон.$км^2$ баробар мебошад.

Давомнокии яхбандии оби Сорбоғ дар фасли зимистон дар поёноби дарё аз даҳаи сеюми декабр то ибтидои даҳаи дуюми феврал, вале дар шохобҳои баланкӯҳ то ибтидои моҳи март идома меёбад. Лойолуди ва обшораи сахти рӯди Сорбоғ ва омадани сел омӯхта нашудааст. Аз ин лиҳоз лозим аст, ки олимон ба омӯзиши ин масъалаҳо диққат диҳанд, зеро ин мушкилотҳо аҳамияти калони илмию амалӣ доранд. Ҳангоми созмони НБО-ҳои хурду миёна ва каналҳои обёрикунанда чунин маълумотҳо басо зарур мебошанд.

Маъданнокии оби рӯди Сорбоғ кам аст, дар давраи камобӣ 160-170 мг/л ва дар фасли пуробӣ 70-150 мг/л-ро ташкил медиҳад. Оби ин рӯд аз ҷиҳати таркиби кимиёвӣ гидрокарбонатӣ буда, яъне оби мулоим мебошад.

**Рӯди Ярхич** низ шохоби тарафи рости дарёи Сурхоб буда, аз ҷиҳати бузургии ҳавза ва серобӣ дар ҷои дуюм меистад. Аз он ки кӯҳу қаторкӯҳҳои атрофи ҳавзаи рӯди Ярхич то 5223 м баланди доранд ва нисбати ба самти ҳаракати анбӯҳӣ ҳавои намноки аз самти ҷанубу ғарб меомада мавқеи муносибро ишғол кардааст ба мисли ҳавзаи рӯди Сорбоғ то 2500 мм бориш ба амал меояд. Чунин шароит имкон фароҳам овардааст, ки дар ҳавзаи рӯд пиряхҳои зиёд (106,8 $км^2$) ташкил ёбанд.

Яке аз сарчашмаи рӯди Ярхич **Назарайлоқ** ном дорад, аз пиряхе ки дар баландии 3309 м воқеъ гардидааст ибтидо мегирад. Ин рӯд дар ибтидо 5 км ба саамти шарқ ҳаракат намуда, сонӣ ба тарафи ҷануб тоб хӯрда, аз тарафи рост рӯди **Обикамаробро** қабул менамояд. Як килотметр поёнтар аз резишгоҳи рӯди Камароб аз тарафи чап шохоби калони тарафи рост рӯди **Дараипиёзро**, ки он аз пиряхи калонтарини ҳавзаи Дараипиёз оғоз мебад қабул менамояд. Ин пирях 14,6 $км^2$ масоҳат ва 11,4 км дарозӣ дорад.

Пеш аз ба рӯди Дараипиёз ҳамроҳ шудан рӯди Ярхич ба самти ҷануби шарқ тоб мехӯрад, води дарё то ба 0,3-0,5 км васеъ мешаавад ва минбаъд гоҳо аз дараи тангу остонаҳо бо суръати тез ҷорӣ мешавад. Пеш аз ба шохоби калони самти чап-**рӯди Қароғушхона** ҳамроҳ шудан води дарёи Ярхич то ба 1,5км васеъ мешавад, маҷро аз умқи 20м буридашуда ва соҳилҳои ҷарию вартаҳо иборат буда ҷорӣ мешавад. Як километр поёнтар аз **деҳаи Ҳоит** рӯди Ярхич ба дарёи Сурхоб ҳамроҳ мешавад.

Рӯди Ярхич аз ҷиҳати манбаи ғизогирӣ ба типии дарёҳои ғизогириашон пиряхию барфӣ мансуб мебошад. Манбаи асосии ғизоирии рӯди Ярхич барфобаҳои мавсимӣ (43%), яхобҳо (19%) ва обҳои зеризаминӣ (38%) мебошанд. Харҷи миёнаи солонаи оби рӯди Ярхич 50,4 $м^3$/сония ва модули обшораи он 43,1л/сония $км^2$-ро ташкил медиҳад.

**Рӯди Коксу** сеюмин шохоби аз ҷиҳати майдони обгириаш васеъ ва серобӣ Сурхоб мебошад. Он аз омезишёбии **рӯдҳои Тамдикӯл** ва **Питавкӯл** ташаккул

меёбад. Дар байни шохобҳои дарёи Сурхоб ҳавзаи рӯди Коксу бо масоҳати калони пиряхҳояш (160,1км$^2$), ки 12,4% ҳавзаи рӯдро ташкил медиҳад фарқ мекунад. Ин рӯд 11км дарозӣ дошта, саргаҳаш аз баландии мутлақи 1823 м ва резишгоҳаш дар баландии 1708м воқеъ мебошад. Нишебии миёнаи рӯди Коксу дар ҳар 1км ба 9,6м баробар аст.

**Рӯди Тамдикӯл** шохоби калони Коксу буда, аз **пиряхи Янгидавон**, ки дар баландии 3400 м воқест сарчашма мегирад. Майдони ҳавзаи Тамдикӯл 632 км$^2$ буда, 39 км дарози дорад. Дар ҳавзаи Тамдикӯл 98,3 километри мураббаъро пирях фаро гирифтааст, он ба 15,5%-и ҳавза баробар аст. Баландии нисбии кӯҳҳои атрофии ҳавзаи дарё нисбат ба маҷрои дарё 1500-2000 м мерасанд. Саргаҳи ин **рӯдро Янгидавон** меноманд. Поёнтар аз тарафи дасти рост ба он **рӯди Чайнак-Ангуюрм**, **рӯди Иштансалд,** инчунин **рӯди Дастнорас** ба Тамдикӯл ҳамроҳ шуда, номи умумии Тамдикӯлро мегирад. Дар ҳавзаи рӯди Тамликӯл чашмаи гарми маъдани, ки хосияти табобатӣ дорад воқеъ мебошад. Дар поёноби дарё дар ҷойҳои нисбатан васеи соҳил ниҳолҳои бед, сафедор, настаранҳо ва дигар буттаҳо инчунин, набототи алафию марғӣ рӯйидаанд. Пас аз он ки рӯди Тамдикӯл аз тарафи рост **рӯди Пизанро** қабул мекунад, се (3) км поёнтар ба он рӯди Питаукӯл ҳамроҳ мешавад ва номи Коксуро мегирад. Харҷи миёнаи солонаи Тамдикӯл 16,1м$^3$/сония аст.

**Рӯди Питаукӯл** шохоби дуюми нисбатан калони дари Коксу буда, масоҳати ҳавзааш 531км$^2$ ва дарозиаш 52км аст. Дар ҳавзаи ин рӯд 61,8км$^2$ пирях мавҷуд буда, 11,6% ҳавзаро ташкил медиҳад. Рӯди Питаукӯл аз **пиряхи Гайдаюли**, ки дар баландии 4000м воқест оғоз меёбад. Ба ин рӯд якчанд шохобҳо (Кейдейсу, **шохоби Беном, Лойсу, Ҷаманқирчӣ**) ҳамроҳ мешаванд. Питаукӯл тӯли масофаи ҳаракати худ борҳо аз дараҳои танг ва гоҳо аз води васеъ ҷорӣ мешавад.

Рӯди Тамдикӯл ва Питаукӯл ғизогирии пиряхию барфӣ доранд. Дар ғизогирии ин рӯдҳо мавқеи асосиро барфобаҳо ( мувофиқан 42 ва 37%), пиряхобаҳо (мувофиқан 25 ва 23%) ва обҳои зеризаминӣ (мувофиқан 33 ва 40%) мебозанд. Серобии ин рӯдҳо аз нимаи дуюми моҳи апрел оғоз ёфта, дар охири даҳаи дуюми моҳи октябр хотима меёбанд. Давомнокии давраи серобӣ 180 рӯзро фаро мегирад. Дар ин фосила 80-85%-и оби солонаи рӯд мегузарад. Қуллаи серобӣ ба миёна ва ё охири моҳи июл рост меояд. Харҷи миёнаи солонаи оби Тамдикӯл 16,1м$^3$/сония ва Питаукӯл 18,9 м$^3$/сония мебошад.

**Рӯди Сангикар** шохоби тарафи рости дарёи Сурхоб буда, аз доманаи ҷанубу шарқии қаторкӯҳи Қаротегин оғоз ёфта, андаке поёнтар аз резишгоҳи Рӯди Сорбоғ ба дарёи Сурхоб ҳамроҳ мешавад. Ҳавзаи обғундори ин рӯд 291км$^2$ буда, дарозиаш ба 42км мерасад. Харҷи миёнаи солонаи оби рӯди Сангикар ба 13,2 м$^3$/сония баробар аст. Сарчашмаи ин рӯд дар баландии 3400 м ва резишгоҳаш дар баландии 1242 м ҷойгир аст.

**Реҷаи гидрологии дарёи Хингоб ва шохобҳои он.** Дарёи Хингоб серобтарин ва зеботарин шохоби тарафи чапи дарёи Вахш ба ҳисоб меравад, дар ҳудуди ноҳияи маъмурии Сангвор ҷойгир шудааст. Ҳавзаи обғундори дарёи Хингоб 6660км$^2$ ва дарозиаш 196 киломметрро ташкил медиҳад. Атрофи ҳавзаи дарёи Хингобро кӯҳу қаторкӯҳҳое иҳота кардаанд, ки беш аз 5500м баланди доранд. Дар болои ин кӯҳҳои баланд барфҳои бисёрсола, фирнаҳо ва пиряхҳои хурду калони сершумор ҷойгир шудаанд. Майдони умумии яхбандии ҳавзаи да-

рёи Хингоб ба 712,4 $км^2$ баробар буда, 10,8% майдони ҳавзаи дарёро фаро гирифтаанд.

Шохобҳои тарафи рости дарёи Хингоб аз қабили Қирғизоб, Рангоб, Фаркикуш, Сухсу ва ғайра буда, аз нишебии ҷанубии қаторкӯҳи Пётри Як оғоз мееёбанд. Ин шохобҳо нисбат ба шохобҳои тарафи чапи дарёи Хингоб, ки аз қаторкӯҳи Дарвоз сарчашма мегиранд сероб мебошанд. Агар модули обшораи шохобҳои тарафи рост 42-43 л/сония $км^2$ бошад, ин нишондиҳанда барои шохобҳои тарафи чап 16,2 л/сония $км^2$ баробар аст. Шохобҳои нисбатан калони тарафи чапи дарёи Хингоб – Обимазор, Бохуд, Гармо, Сариоб ва ғайра мебошанд.

Дарёи Хингоб ва шохобҳои он дар роҳи ҳаракати худ борҳо аз дараю тангноҳо ва гоҳо аз маҷрои нисбатан васеъ 20-30 м, гоҳо 40-60 м ва ҳатто 2 (ду) км паҳнӣ дошта, ба шохаҳои сершумор тақсим шуда, ҷорӣ мешаванд.

Манбаи ғизоргирии дарёи Хингоб яхоба (22%), барфобаҳои мавсимӣ (48%) ва обҳои зеризаминӣ (30% ) мебошанд. Реҷаи оби Хингоб вобаста ба хусусиятҳои обу ҳаво ва фаслҳои сол тағйир меёбад. Оби дарёи Хингоб аз даҳаи дуюми моҳи март сар карда тадриҷан афзоиш ёфта пуроб мешавад ва давраи серобӣ 213 рӯзро фаро мегирад, серобии дарё дар миёнаи моҳи октябр хотима меёбад. Харҷи бештари оби дарёи Хингоб одатан ба моҳи июл рост меояд, вале гоҳҳо қуллаи серобӣ ба моҳи август мувофиқат мекунад. 11 моҳи августи соли 1935 харҷи таъҷилии бештари оби дарёи Хингоб ба 1290 $м^3$/сония расида буд. Дар давраи серобӣ аз буриши кундалангии маҷрои дарёи Хингоб ба ҳисоби миёна 89% харҷи солонаи об мегузарад.

Харҷи камтарини оби дарёи Хингоб ба охирҳои фасли зимистон мувофиқат мекунад. Дар ин давра харҷи камтарини оби дарёи Хингоб ба 38 $м^3$/сония мефарояд, дар ин ҳангом модули обшора 5,76 л/сония $км^2$-ро ташкил медиҳад.

Ҳар сол дарёи Хингоб ба ҳисоби миёна ба дарёи Вахш 7,06 $км^3$ об мебахшад, ки он нисбат ба дарёи Зарафшон 2 $км^3$ бештар аст. Дигар хел карда гуем, дарёи Хингоб 34% обшораи солонаи дарёи Вахшро медиҳад.

Барои дарёи Хингоб ҳар сол дар фасли зимистон ҳодисаи яхбандӣ такрор мешавад. Дар поёноби Хингоб ҳодисаи яхбанд ба ҳисоби миёна 18 шабонарӯз, вале бо баробари афзудани баландии маҳал ҳодисаи яхбандӣ аз доманакӯҳҳо то ба баландкӯҳҳо афзоиш ёфта, ба 100 рӯз ва ҳатто аз он ҳам бештар идома меёбад.

Оби дарёи Хингоб ва шохобҳои калони он бо баланд будани гилолудӣ (тирагӣ)-и худ фарқ мекунад. Ин нишондиҳанда ба ҳисоби миёна дар поёноби дарёи Хингоб беш аз 4000 г/$м^3$ буда, бо баробари афзудани баландӣ коҳиш меёбад. Қисми зиёди обовардҳои муаллақ ба моҳҳои июл-сентябр рост омада, 80% харҷи обовардҳои муаллақи солонаи дарёро ташкил медиҳад. Гилолудии камтарин ба давраи камобии дарё, яъне ба фасли зимистон рост меояд.

Хусусияти фарқкунандаи таркиби химиявии оби Хингоб аз он иборат аст, ки маъданнокӣ ва дуруштии об аз саргаҳ ба самти поёноб афзоиш меёбад. Масалан агар дар давраи серобӣ маъданнокӣ дар саргаҳ (рӯди Сангвор) 150-210 мг/л бошад, дар поёноб (Тавилдара) ба 200-420 мг/л мерасад. Дар давраи камобӣ маъданнокии оби дарё андак баланд шуда ба 240-440 мг/л боло меравад. Дар саргаҳи дарё дуруштии об паст (аз 2 то 2,7 мг=экв) дар поёноб дуруштии об мӯътадил буда, аз 4,8 мг=экв беш намешавад. Дар таркиби об ионҳо

$HC0_3$ ва Са бартарӣ доранд, ба самти поёноб ин нишондиҳанда коҳиш меёбад, вале ионҳои $SO_4$ афзоиш меёбад.

Дар поён доир ба шохобҳои калонтарини дарёи Хингоб аз қабили рӯдҳои Обимазор, Рангоб, Қирғизоб, Фаркикуш тафсифи мухтасари гидрологӣ медиҳем.

Рӯди Обимазор – аз ҳама калонтарин шохоби дарёи Хингоб буда, 38 км дарозӣ ва 1030 км$^2$ ҳавзаи обғундор дорад. Ҳавзаи ин рӯд аз кӯҳҳои баланд (қуллаи Арнавад 6083м) иборат буда, дар он 171,5 км$^2$ масоҳатро пиряхҳо фаро гирифтаанд, яъне 16,7% ҳавзаро ишғол кардаанд. Рӯди Обимазор аз баландии 3200 м оғоз ёфта, дар баландии мутлақи 2168 м ба дарёи Хингоб ҳамроҳ мешавад. Дар ибтидо ин рӯд дар водии танг ва нишебии калон дошта, ҷорӣ мешавад, сонӣ водӣ то 0,5 км васеъ мегардад, пеш аз ба шохоби тарафи чап ҳамроҳ шудан Дархарвак пайвастан водӣ аз нав танг шуда, хосияти канониро мегирад. Ҳангоми ба Хингоб наздик шудан водии дарё ҳамвор гашта, то ба 15- 40 м васеъ мешавад.

Рӯди Обимазор ба типи дарёҳои ғизогириашон пиряхию барфӣ мансуб аст. Ин рӯд 34% ғизояшро аз яхобаҳо, 38%-ро аз барфобаҳои мавсимӣ ва 28%-ро аз обҳои зеризаминӣ мегирад. Серобшавии рӯди Обимазор аз даҳаи дуюми моҳи апрел оғоз ёфта, дар охири моҳи октябр хотима меёбад, яъне фосилаи сероби 191 рӯзро фаро мегирад ва дар ин муддат аз маҷрои рӯд 91% обшораи солона мегузарад. Дар нимаи дуюми моҳи июл серобии дарё ба ҳадди баланди худ мерасад, зимистон хеле камоб мешавад. Модули миёнаи бисёрсолаи обшораи ин рӯд ба 26,6 л/сон.км$^2$ баробар аст. Обшораи миёнаи солонаи рӯди Обимазор 832 млн.м$^3$-ро ташкил медиҳад.

**Рӯди Рагноб** - шохоби дуюми сероби тарафи рости дарёи Хингоб мебошад, 62 км дарозӣ ва 781км$^2$ майдони обғундор дорад. Дар саргаҳи ин рӯд 78,3 км$^2$ пирях мавҷуд аст он 10% ҳавзаи дарёро фаро гирифтааст. Пиряхи калонтарини ин ҳавза пиряхи Пётри Як (12,2 км$^3$) ва Зурзамин буда, 6,2 км масоҳат доранд. Рӯди Рагноб аз шохобҳои сершумор ғизо мегирад. Водии ин рӯд дар тамоми дарозии худ аз дараи танги фароз ва зинанок, ки ҳамагӣ 8-15 м паҳнӣ дорад, ҷорӣ мешавад.

Харҷи миёнаи солонаи рӯди Рагноб ба 20,8 м$^3$/сон баробар буда, модули обшорааш 28,0 л/сония км$^2$-ро ташкил медиҳад.

Барои ин рӯд гилолудии (фаровонии обовардҳои муаллақ) зиёд хос мебошад, қариб 4000 г/м$^3$-ро ташкил медиҳад, ҳамзамон маъданнокӣ ва дуруштии об беш мебошад. Дар давраи серобӣ маъданнокӣ оби рӯд 280-460 мг/л, дар давраи камобӣ то ба 640-670 мг/л баланд мешавад. Дар оби рӯди Рагноб миқдори зиёд ионҳои $SO_4$ ва Са хос буда, тӯли сол кам тағйир меёбанд.

Ҳангоми бо суръати тез гудохта шудани пиряхҳо дар моҳҳои июл – август ҳодисаи омадани сел ба мушоҳида мерасад.

**Рӯди Қирғизоб** дар натиҷаи ба ҳам омезишёбии ду рӯди хурдтар , ки аз пиряхи Гандо ва Девлохон сарчашма мегиранд ташаккул меёбад. Майдони ҳавзаи рӯди Қирғизоб 351 км$^2$ буда, 16 км дарозӣ дорад. Атрофии ҳавзаи рӯдро кӯҳҳои баланд (то 6785 м) фаро гирифтаанд, ин ҷо 92,3 км$^2$ пирях мавҷуд буда, 26,3% масоҳати ҳавзаро ташкил медиҳад. Дарё дар маҷрои 10-20 метр ва байни води 0,5 км паҳнӣ дошта ҷорӣ мешавад. Аз он ки нишебии дарё калон аст, об бо суръати тез ҳаракат мекунад.

Пеш аз ба рӯди Гармо пайваст шудани рӯди Қирғизоб водии дарё то ба 1,5 км васеъ мешавад, суръати ҳаракати оби дарё оҳиста ва ба шохаҳои сершумор тақсим шуда, ҷорӣ мешавад. Харҷи миёнаи бисёрсолаи рӯди Қирғизоб ба 11,8 $м^3$/сония баробар аст, онгоҳ модули обшора 31,5 л/сон. $км^2$-ро ташкил медиҳад.

**Рӯди Фаркикуш** – шохоби тарафи рости дарёи Хингоб буда, аз нишебии тарафи ҷанубии қаторкӯҳи Пётри Як оғоз меёбад. Майдони ҳавзаи рӯд 167 $км^2$ ва 29 км дарозӣ дорад. Рӯди мазкур аз ҳисоби шохобҳои сершумор, ки онҳо аз пиряххои дар баландии 3920 м воқеъ буда, сарчашма мегиранд пуроб мешавад. Дар ҳавзаи рӯди Фаркикуш 36 пирях воқеъ буда, масоҳати якҷояашон ба 17 $км^2$ мерасад. Дар ҳавзаи ин рӯд соле 2500 мм бориш мешавад, барои ҳамин ҳам шабакаи дарёи зич ва рӯдҳои он серобанд. Ҳавзаи ин рӯд дар Осиёи Миёна аз ҷиҳати ба об таъмин будан ҷои аввалро ишғол мекунад.

Рӯди Фаркикуш дар болообаш ба самти шарқ ҳаракат мекунад ва сонӣ ба самти ҷанубу шарқ ҷорӣ мешавад. Фаровонии намӣ дар ин ҳавза боиси он гардидааст, ки ин ҷо набототи субалпию алпӣ хеле хуб нашъунамо кардаанд. Дар байни онҳо ширеш (эремурус), камол, юған ва ғайра баланд қад мекашанд, ҳатто ба қади одам баробар мешаванд. Агар баргҳои юған ба бадани инсон рассад онро месӯзонад ва ҳубобчаҳо пайдо мешавад.

Пеш аз он ки рӯдчаи **Сафедсу** аз тарафи чап ба рӯди Фаркикуш пайваст шавад, води дарё 0,5км васеъ мегардад ва сонӣ боз водӣ танг мешавад ва рӯд самти ҳаракаташро ба ҷанубу шарқ ва ниҳоят ба самти ҷануб тоб мехурад. Дар поёнҷараёни рӯди Фаркикуш водии дарё ва нишебиҳои кӯҳҳои бо ҷангали аз бурс (арча), хаданг, сафедор, бед ва чакалакҳои настаран ташаккул ёфта ба мушоҳида мерасанд.

Пеш аз он, ки рӯди Фаркикуш ба дарёи Хингоб пайваст шавад дар води дарё дарахтони чормағз, зардолу, олболу, себ ва ғайра сабзида манзараи зеборо фароҳам овардаанд. Тамошои ин манзараҳо ба дил фараҳ ва оромиш мебахшанд.

**Рӯди Элок** сарчашмаи худро аз ҳудуди ноҳияи Роғуни музофоти Раштонзамин, яъне ҷанубу ғарбии қаторкӯҳи Қарорӯд яке аз шохобҳои калони дарёи Кофарниҳон буда, ба самти ҷанубу ғарб ҷорӣ шуда, аз паҳлӯи шаҳру, шаҳракҳои Файзобод, Ваҳдат гузашта, дар наздикии шаҳраки Сомониён аз тарафи чап ба дарёи Кофарниҳон ҳамроҳ мешавад. Дар тарафи ҷанубу ғарбии ин рӯд **қаторкӯҳи Рангон** воқеъ гардидааст. Дарозии рӯди Элок аз шаҳри Роғун то ба шаҳраки Сомониён беш аз 100 км-ро ташкил медиҳад. Ҳавзаи обғундори ин рӯд 823 $км^2$-ро фаро мегирад.

Рӯди Элок ғизогирии омехта дорад, яъне аз барфобаҳои мавсимӣ, оби борон ва обҳои зеризаминӣ ташаккул меёбад. Серобшавии оби рӯди Элок, яъне афзудани харҷи об аз моҳи март оғоз меёбад. Харҷи бештари оби рӯди Элок ба моҳи май ҳангоми ба суръат об шудани барфҳои мавсимӣ ва боронҳои бошиддати охири баҳорӣ ва харҷи камтарин ба моҳи август ва сентябр рост меояд. Чунин реҷаи оби дарё ба талаботи соҳаи кишоварзӣ чандон мувофиқ нест, зеро соҳаи кишоварзӣ маҳз дар фасли тобистон ва ибтидои тирамоҳ ба обу обёрӣ эҳтиёҷ дорад.

Харҷи миёнаи солонаи оби рӯди Элок 13,6 $м^3$/сония, модули миёнаи солонаи обшора 16,5л/сония $км^2$, қабати солонаи обшора 522 мм, харҷи камтарини зимистона 5,2 $м^3$/сонияро ташкил медиҳад. Ҳаҷми солонаи оби рӯди Элок ба 428 млн.$м^3$ баробар аст. ҳодисаи яхбандӣ солҳои алоҳида рух медиҳад.

Тавре болотар баён доштем **дарёи Вахш** аз баҳам омезиш ёфтани дарёҳои Сурхобу Хингоб ташаккул ёфта ба самти ҷанубу ғарб ҷорӣ мешаванд, яке аз дарёҳои дароз, пуроб ва аҳамияти калони хоҷагӣ доштаи Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. **Дарозии дарёи Вахш 524 км** ва 39100км$^2$ ҳавзаи обғундор дорад. Саргаҳи дарёи Вахш аз шаҳраки Дарбаанд то ҷанубу ғарбии ҳудуди ноҳияи Роғун дар марзи Раштонзамин воқеъ гардидааст, ки тақрибан ба 45-50 км баробар аст. Дарёи Вахш аз резишгоҳи дарёи Хингоб тӯли 36 км аз води V монанд мегузарад. Дар ин фосила дарё маҷрои худро хеле чуқур буридааст. Аз деҳаи Пасимураҳо то деҳаи Шолипая дарёи Вахш тӯли 49 км аз дараи танг мегузарад. Маҷрои дарё кам печутоб хӯрдааст ва ин хосият то мавзеи Пули Сангин идома ёфтааст. Барои ҳамин ҳам ин қисмати саргаҳи дарёи Вахш барои созмони **НБО-ҳо** мувофиқу муносиб аст, **НБО-и Норак** сохта шуд ва созмони **НБО-и Роғун** идома дорад.

Барои дарёи Вахш дар мавзеи **қишлоқи Тутқавул** чунин аломатҳои обшораи солона хос мебошад: манбаи ғизогирӣ 40% аз оби зеризамин, 27% яхоба, 31 барфоба ва 2% оби борон, харҷи миёнаи солонаи оби дарё Вахш 640 м$^3$/сония, модули миёнаи солонаи обшора 20,5 л/сония км$^2$, қабати солонаи обшора 647 мм, ҳаҷми обшораи солона 20183 млн.м$^3$ ташкил медиҳад. Серобшавии дарё аз 18-уми март оғоз ёфта, дар 18-уми моҳи июл ба ҳадди баланд (дар дидбонгоҳи Дарбанд 4150 м$^3$/сония) мерасад ва дар 21 моҳи октябр хотима меёбад, 219 шабонарӯзро дар бар мегирад. Дар ин муддат аз маҷрои дарё 16700 (Дарбанд) млн. м$^3$, 85% харҷи солонаи оби дарёро ташкил медиҳад. Ҳангоми камбоӣ харҷи об 209 м$^3$/сония мефароянд. Харҷи обовардҳои муаллақи дарёи Вахш-Сурхоб дар дидбонгоҳи шаҳраки Ғарм ба ҳисоби миёнаи солона 1400 кг/сония, обовардҳои муаллақи солона 44000 ҳаз. тоннаро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳандаи хеле калон мебошад. Барои ҳамин ҳам қаъри обанбори Норак аз обовардҳои таҳшоншуда пур шудааст. Аз ин хотир омӯхтан ва донистани маҷмӯи омилҳои гидрологӣ аз қабили навъҳои ғизогирӣ, фосилаҳои серобию камобӣ, тақсимоти обшора дар фосилаҳои гуногун, обшораи сахт (обовардҳои муаллақ) барои оқилонаю самаранок истифода бурдани оби чи дарёҳои калон ва чи шохобҳои онҳо аҳамияти калони хоҷагӣ доранд. Мутаассифона, то кунун на ҳамаи паҳлуҳои реҷаи гидрологии дарёи Вахш ва шохобҳои болооби онҳо саҳеҳ омӯхта шудаанд. Аз ин лиҳоз лозим аст, ки паҳлӯҳои татқиқнашудаи рӯду дарёҳои ҳавзаи дарёи Вахш, аз ҷумла Сурхобу Хингоб саҳеҳу мукаммал татқиқ гардад, то ин ки минбаъд барои истифодаи маҷмӯи онҳо заминаи мустаҳками илмӣ фароҳам оварда шавад.

### Адабиёт


1. Варнакова Г.М., Рототаева О.В. Каталог ледников СССР. Т.14, вып.3, ч.6-и. ч. 9. Ленинград. 1971 и 1978 гг.
2. Кеммерих А.О. Гидрография Памира и Памира-Алая 1978.
3. Таджикистан: природа и природные ресурсы. Душанбе 1982.
4. Тахиров И.Г., Купайи Г.Д. Водные ресурсы Республики Таджикистан ч. 1. Душанбе 1998.
5. Щульц В.Л. Реки Средней Азии. Ленинград. 1965.

УДК 338;316

**Каюмов А.Н.**

# НАЦИОНАЛЬНЫЕ ИНТЕРЕСЫ И ЭКОНОМИЧЕСКАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ ТАДЖИКИСТАНА

*В статье сделана попытка рассмотреть национальные интересы Таджикистана в сфере экономической и социальной безопасности.*

***Ключевые слова:*** *национальные интересы, национальная безопасность, экономическая безопасность, безработица, бедность, геополитика.*

**Қаюмов А.Н.**

## МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ ВА БЕХАТАРИИ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН

*Дар мақола манфиатҳои миллии Тоҷикистон дар соҳаи бехатарии иқтисодиву иҷтимоӣ баррасӣ гардидааст.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *манфиатҳои миллӣ, бехатарии миллӣ, бехатарии иқтисодӣ, бекорӣ, камбизоатӣ, геополитика.*

**Kayumov A.N.**

## NATIONAL INTERESTS AND ECONOMICAL SECURITY OF TAJIKISTAN

*In the article consecrated attention to national interests of Tajikistan in field of economical & social securities.*

***Keywords:*** *national interests, national security, economic security, poverty, geopolitics.*

В условиях усиливающегося процесса глобализации, новых вызовов и угроз актуальным становится проблема обеспечения национальной безопасности и защиты национальных интересов государства. В рамках огромной страны, каким был Советский союз, Таджикистан, как и других бывших республик, входящие в единое военно – политическое, социально – экономическое, научно – техническое пространство мало зависел от влияние внешних факторов и угроз, но ныне ситуация в мире коренным образом изменилась. Разрушение единой страны, образования небольших, открытых и слабо развитых государств, гражданское противостояние, трудности трансформационных процессов, ошибки допущенные в процессе реформирования и как следствие всего этого возникновение сложных и трудно разрешённых политических, военных, экономических и социальных проблем, привели к глубокому системному кризису и сделал в системе геополитических и геоэкономических координат третьего тысячелетия Таджикскую республику легко уязвимую. Факторы внутренней угрозы распада политической и экономической системы стали определяющими.В этой связи обеспечение национальной безопасности и защиты национальных инте-

ресов страны выдвигаются в число наиважнейших стратегических приоритетов Таджикского государства.

Состояние любого государства определяется различными в условиях национальной безопасности международной, региональной, национальной, а так же всеми ее составляющими: политической, военной, экономической, социальной, технической, энергетической, информационно – коммуникационной, продовольственной, демографической, экологической, духовно – нравственной безопасностью и т.д.

Национальная безопасность тесно взаимосвязана с системой национальных интересов, так как категория национальные интересы соединяет воедино проблемы эффективного использования экономического, научно – технического потенциала и военно–экономической мощи страны: состояния генофонда нации, ее физического здоровья, социального и культурного процветания, геополитические и геоэкономические позиции страны в этом противоречивом мире.

В основе определения национальных интересов Таджикистана в области политической системы лежит решение задачи укрепления политического суверенитета, национальной безопасности, создание высокоэффективной экономики и на этой основе обеспечение достойного уровня и качества жизни населения страны.

На момент приобретения государственной независимости Таджикистан не имел собственные вооруженные силы и достаточные материально технические ресурсы. На территории республики функционировала 201 дивизия, которая потом перешла под эгидой Российской Федерации. На сегодня создана Министерство обороны, в ведения которого находятся несколько специализированных частей. Слаба и их материально – техническая база. Не большая по численности вооруженные силы Таджикистана не способны отразить крупное военное вторжения в страну. В подобных случаях в республике большие надежда возлагают на ОДКБ, Таджикистан, который является членом этой организации.

Не только для Таджикистана, но и всего Центральноазиатского субрегиона большую опасность представляют внешние угрозы. Речь идет не только о военной группировке Талибан в Афганистане, которые иностранные спецслужбы могут направить против любого государства региона, не угодных для них, но и движение исламского государства и других.

Кроме того, в регионе происходят процессы, которые серьезным образом могут повлиять на ход политических и экономических преобразований. Регион Центральная Азия располагает большими запасами углеводородного сырья, минерально – сырьевыми ресурсами. Он является зоной «пионерского освоения» и может превратится в новый центр высоких темпов экономического роста. Учитывая всего этого, ведущие мировые державы объявили регион Центральной Азии зоной своих национальных интересов. На эту роль претендуют прежде всего США, Китай, Россия, страны ЕС, Иран, Турция и некоторые другие. В результате внешние факторов вкупе с активностью самих стран региона серьезным образом меняют геополитическую ситуацию в этом районе мира. Смена политического руководства США привела к смене приоритетов американской политики на Евразийском пространстве. Поводом послужило ситуация в Афганистане, где численность американского воинского контингента в этой стране составляет около 100 тыс. чел., а не говоря о военном присутствии НАТО и др. государств. Страны региона были вовлечены в процесс сотрудни-

чества с США в связи с напряжённости в Пакистане, которая привела к тому, что странам ЦА была отведана роль ключевых транзитных игроков, антитеррористической операции в Афганистане. Американцы остановили свой выбор на аэропорт «Манас» в Кыргызстане, переименовав эту авиабазу в Центр транзитных перевозок. Остальным странам региона было отведена роль транзитных игроков невоенных угроз через их территорию. Вашингтон считает, что военное присутствие в ЦА является одним из важнейших принципов или механизмов американской внешней политики. Такая чисто военная тактика не устраивает в целом государств региона. США не имеют экономические интересы за исключением несколько крупных проектов в Казахстане, что не может не сказываться на уровне влияние США на фоне активизации других игроков, особенно КНР в экономической сфере.

Политика России, как в военной сфере, так и в экономической деятельности является весьма слабой, хотя с точки зрения прошлой истории, все должно быть наоборот. Москве удалось сохранить только 201 военной базы в Душанбе.

С точки зрения экономических интересов, безусловно в республике лидером считается Китай. Ещё в 2008 г. КНР предложил Казахстану кредит в сумме 10 млрд. долл. США на покупки Астаной доли в совместной казахстанско – китайской нефтегазовой компании «Манчистаумунайгаз». Уже построена вторая ветка нефтепровода Кенкияк – Кумколь мощностью 20 мли. тонн протяжностью 761 км. Запущен также газопровод Западный Казахстан – Китай. Тем самым Казахстан становится одним из основных поставщиков углеводородного сырья в КНР. Сдан в эксплуатацию один из крупнейших проектов в регионе – газопровод Туркменистан – Казахстан – Китай который по всей вероятности должен поменять, причем очень серьезно, геоэкономическую ситуацию в ЦА. Китай ведет активную экономическую политику и с другими странами региона. У этой страны имеются свободные финансовые средства для экспорта в зарубежные страны. Китай выделил Таджикистану более одного млрд. долл. США для строительства дорог, мостов, туннелей и других объектов. Причем, вместе с капиталом в республику приходит и рабочая сила, что в условиях трудоизбыточного региона не желательно. В то же время китайские компании достаточно активно приобретают промышленные, горнорудные и другие объекты. Одним из крупнейших предприятий цветной металлургии Таджикистана – Пенжикенский золоторудный комбинат находится под управлением китайских компаний. Эти же компании без объявления тендера ведут изыскательные работы на важнейших месторождения золота в Айнинском районе. При чем, вся эта деятельность осуществляется без гласности, в этом заинтересованы не только китайская сторона, но и таджикские властные структуры. Все это говорит о том, что Китай создаст базу для долгосрочного присутствия в регионе. Безусловно такая политика Китая в ЦА раздражает США и они хотят с помощью России ослабить присутствие Китая в регионе. Но это вряд ли им удастся так как с одной стороны, Россия не хочет лишится такого важного партнера как Китай, с другой, события на Украине, расширения НАТО на Восток, политика США в Афганистане, Иране, Ливии, их отношения с Ираном, Сирией и экономические санкции против России не внушает доверие к этой стране, она превратилась в империю зла.

В последнее время несколько активизировалась в ЦА деятельность ряд стран членов ЕС, в связи с выступление в силу Лисабонского договора усилился интерес Англии, Франции, Германии, Италии и некоторых других стран чле-

нов сообщества к региону ЦА. В частности немецкий концерн PWEA6 подписал договор с правительством Туркменистана об участии в разведке и добыче углеводородного сырья на туркменском шельфе Каспийского моря. Французские компании подписали соглашения с правительством Казахстана в сфере энергетики, авиастроении на сумму 6 млрд. долл. США.

Таким образом, на шахматной доске игроков становится все больше и это, безусловно усиливает противоречия между ними и могут стать источником нестабильности в регионе.

Следует отметить, что условия глобализации, национальная безопасность, не исчерпывается чисто военными аспектами. Более того они, постепенно оттесняются на второй план. В настоящее время особую активность приобретают экономические аспекты национальной безопасности. Опыт последних десятилетий убедительно показал высокую эффективность и широту действий данной угрозы. Например, в середине 80-х годов прошлого столетия по наставлению США арабские страны и в первую очередь Саудовская Аравия резко увеличили добычу нефти и тем самым в несколько раз снизили цены на нее, что привела к резкому уменьшению государственного бюджета СССР и последующему его развалу. Уже сейчас в этой сфере можно смоделировать несколько сценариев подрыва экономики любого государства в результате враждебного действия: это дезорганизации национальной системы, вплоть до полного банкротства, экономическая блокада или эмбарго, продовольственная уязвимость, технологическая блокада и.т.д. Эти меры легко реализуемые, тем более, что в последние годы уровень безопасности страны серьезно снизился. Проводимые экономические преобразования по сценарии ряда международных организаций, выступили в противоречие с национальными интересами страны. Лишения возможности самодостаточности и саморазвития, Таджикистан рискует оказаться на обочине мирового прогресса в качестве слаборазовывающейся страны.

Таким образом, в настоящее время особое значение приобретают экономические аспекты национальной безопасности. В экономической безопасности, с точки зрения защиты национальных интересов Таджикистана на нынешнем этапе его развития наиболее существенными, безусловно, является обеспечение функционирования экономики в режиме расширенного воспроизводства, достижение устойчиво высоких и стабильных темпов экономического роста, радикальное улучшение благосостояния народа, защита отечественных товаропроизводителей и внутреннего рынка от действия внешних факторов, повышения инвестиционной и инновационной активности, обеспечение энергетической и продовольственной независимости, восстановление и поддержание научного потенциала страны, привлечение общественности к борьбе против криминализации и коррупции, недопущение окончательного разрушения морально-этических ценностей в обществе. С самого начала реальную угрозу экономической безопасности Таджикистана представляют сами по себе масштабы спада производства и потери, нанесенные экономике страны, системный кризис, который по своей глубине и продолжительности намного превзошел Великую депрессию (1929-1933гг.) в США. Глубокий спад производства в Таджикистане, продолжавшийся до второй половины 1997г. привел к сокращению объёма ВВП от уровня 1990 г. на 69, 2% , продукции промышленности - на 68,3%, сельского хозяйства - на 52,8%. В отдельные годы среднегодовые темпы падения

ВВП достигли до 32,3%, при пороговом их значении в 25%. По приблизительным расчетам потери ВВП в результате кризисного спада в период с 1990 - 2013 годов составили 314,0 млрд. сомони, что соизмеримо с 40% его общим фактическим объёмом. В этой ситуации главным условием для реализации национальных интересов является переход экономики на модель достаточно высоких и стабильных темпов экономического роста, обеспечивающего решение социальных проблем: сокращению безработицы, повышению уровня жизни и снижению бедности. Однако, несмотря на позитивные тенденции наметившихся с июня 1997г. объём ВВП в 2О13г. от уровня 1990 г. составляет 99,6%, продукция промышленности 98,1%, ВВП на душу населения – 61,4%. Мировой опыт показывает, что период восстановления докризисного уровня, совпадает с продолжительностью спада производства. Спад производства в экономике Таджикистана продолжался шесть с половиной лет. Таким образом, докризисного уровня макроэкономических показателей можно было достигнуть в 2012 году. Для этого среднегодовые темпы прироста ВВП должны были быть не ниже уровня 10-12%. Однако МВФ, МБ, АБР и в Документе «Цели Тысячелетия» рекомендовали при определении перспектив социально-экономического развития Таджикистана исходить из темпов, не превышающих 5-6%. Расчеты показывают, что при таких темпах, производство ВВП на душу населения докризисного уровня можно будет достигнуть лишь после 2022 г.Безусловно при таких темпах существенных благоприятных сдвигов в динамике социально-экономических показателей не произойдет, некоторые проблемы могут даже обостриться и наше отставание от других стран СНГ ещё больше усилится, и Таджикистан навсегда останется в «порочном кругу нищеты». Некоторые из этих стран, в частности Казахстан, Узбекистан, Туркменистан, начиная с 2002 – 2003гг. достигли докризисного уровня 1990 г. и вступили в фазу подъёма. Индекс физического объёма ВВП в сопоставимых ценах еще в 2003 г. составил: в Узбекистане 112,3%, Армении - 108,2%, Казахстане - 106,2% и Белоруссии - 105,4%. Туркменистан этот рубеж перешагнул значительно раньше, поскольку уровень падения был незначительным. Такая ситуация не сокращает имущественную дифференциацию населения, а наоборот усиливает поляризацию людей на богатых и бедных и приводит к тому, что постоянно воспроизводится угроза социальных конфликтов, а это потенциальная угроза для национальной безопасности Таджикистана. Поэтому государство должно осознать вредность рекомендаций различных международных экономических институтов и советников, в частности МБ и МВФ, в своей политике придерживаться независимости и стремиться к достижению высоких темпов развития, обеспечивающих скорейший выход страны из кризиса.

Угрозой для экономической безопасности может стать дальнейшее усиление структурной деформации Таджикистана и, прежде всего, происходящие процессы деиндустриализации страны, деинтеллектуализации нации. Сложившаяся в настоящее время порочная структура экономики порождает многие трудности, в том числе рост безработицы и падение уровня жизни значительной части населения. Сокращение абсолютных объёмов производства промышленной продукции, снижение уровня использования наличных производственных мощностей, особенно в индустриальных отраслях, полная либо частичная остановка подавляющего большинства предприятий машиностроения и металлообработки, промышленности строительных материалов, легкой промыш-

ленности и других в своей совокупности привели к деиндустриализации экономики, ещё большей зависимости внутреннего рынка от импорта.

Сегодня доля импорта на внутреннем потребительском рынке составляет 65-70%, что намного превышает пороговое значение этого показателя.

В 2013 г. индекс промышленного производства по сравнению с докризисным периодом составил 98,1%, в том числе в топливной – 17,4%, в машиностроении и металлообработке - 67, 4%, в химической и нефтехимической - 22, 9, в лесной, деревообрабатывающей и целлюлозно-бумажной - 17,4, в промышленности строительных материалов – 9,7, в легкой – 62,8, в пищевой – 31,4%. За все эти годы только электроэнергетика и цветная металлургия (производство алюминия) развивались более или менее стабильно. В результате доля промышленности в структуре ВВП снизилась с 25, 7 в 1990г. до 14,6% в 2013г.

Процесс деиндустриализации выражается также и в сокращении общей численности промышленно-производственного персонала. За период с 1990 по 2012гг. число работников в отрасли сократилось с 220 тыс. до 69,7 тыс. человек или в 3,2 раза. Деиндустриализации обнаруживается и в состоянии основных производственных фондов, использование которых в последние годы заметно ухудшилось. Хотя индекс среднегодовой стоимости промышленно-производственных основных фондов несколько повысился, но это произошло не за счет ввода новых мощностей, внедрения передовой техники и технологии производства, а в связи с неоднократным пересчетом стоимости фондов. По некоторым данным более 70- 80% основных фондов являются физически изношенными. В последние годы не проводились крупные меры по техническому обновлению и модернизации основных производственных фондов не только в промышленных отраслях, но также и в строительстве и транспорте. При таком положении по всей вероятности в ближайшие годы, не говоря уже о долгосрочной перспективе, многие отрасли промышленности могут попросту прекратить свою деятельность. Показателем дееспособности предприятий отрасли является уровень использования производственных мощностей: в обувной промышленности она составляет 1,1%, в сборных железобетонных конструкций и изделий - 2,9, стеновых материалов - 11,1%, ковров и ковровых изделий - 13,4, цемента - 14,8, шелковых тканей - 17,2% и т.д. Однако меры по восстановлению мощностей связаны с крупными вложениями, которые требуют изменения инвестиционной политики. Надежды на то, что рынок сам по себе, вне государственного регулирования и проведения целенаправленной селективной политики в состоянии обеспечить прогрессивные, структурные сдвиги в экономике не оправдались. Не оправдались надежды и на привлечение иностранных инвесторов. За все годы независимости всего накоплено прямых иностранных инвестиций около 450 млн. долл. США или 65 долл. на душу населения. Эти примеры говорят о том, что речь идёт не просто об угрозах, а о невосполнимом ущербе для экономической безопасности страны. В этой связи не хотелось бы согласиться с мнением о том, что в стратегическом плане для Таджикистана приемлемым является аграрно-индустриальная модель развития экономики. Сторонники этой идеи в качестве примера ссылаются на Голландию. Хотя эта страна называется «великой сельскохозяйственной державой», но по производству ВВП на душу населения среди стран членов ЕС занимает одно из последних мест. Отсюда следует вывод о необходимости осуществления радикальных

мер по ускоренному развитию отраслей промышленности с высокой степенью обработки и превращению Таджикистана в высокоиндустриальную страну. Развитие одной энергетической отрасли в перспективе не решит эту проблему. Нужно изменить на определенный период времени инвестиционную политику, сократить строительство инфраструктурных отраслей и направить все внутренние и внешние инвестиции на восстановление и развитие приоритетных отраслей промышленности. Другого пути попросту не существует. Концентрация инвестиционных ресурсов на стратегических направлениях станет ведущим фактором не только оживления многих промышленных предприятии, но и укрепления экспортного потенциала страны. В последнем своем Послании Парламенту Президент республики поставил вопрос о переходе к индустриально-аграрной модели развития. Настало время серьёзно подумать о принятии решительных мер по восстановлению мощностей тех предприятий, продукция которых имеет спроса.

В условиях открытой экономики к конкретным угрозам для экономической безопасности страны можно отнести узкий ассортимент экспортируемых товаров, колебание мировых цен на них и не конкурентоспособность выпускаемой нашими предприятиями продукции.

По данным статистики, отношение экспорта к ВВП очень высокое - около 40%, но это результат ограниченности масштабов ВВП.

Определенную угрозу представляет узость номенклатуры экспорта алюминия и хлопка волокна. Мировой опыт показывает, что такая структура экспорта при серьёзном ухудшении конъектуры цен на сырьевые ресурсы ставит экономику в труднейшее положение. Наш собственный опыт это подтверждает. В 2005г. резкое снижение цен на алюминий и на хлопок-волокно привело к сокращению экспорта только за счет этих двух ресурсов на 71,4 млн. долл. США.

Слабость позиции Таджикистана на мировом рынке обуславливается не только этим фактором, но и зависимостью от импорта продовольствия, медикаментов, машин и оборудования, наличием значительного внешнего долга и др.

За последнее десятилетие отрицательное сальдо торгового баланса напрямую повлияло на уменьшение темпов экономического роста. Хотя некоторые страны и международные организации частично списали долг Таджикистана, его объёмы остаются внушительными. В начале 2014г. он составил около 2,2 млрд. долл. США. Наличие большого долга создает угрозу для экономической независимости страны. Нарастание внешней и внутренней государственной задолженности и использование привлеченных ресурсов на развитие инфраструктуры, а не реального сектора экономики является опасной.

Всё больше увеличивающиеся потоки заимствований не смогут обеспечить расчеты по прежним обязательствам. Чтобы обслуживать внешний долг приходится брать новые кредиты и расплачиваться со старыми долгами, а это - полная катастрофа финансово-бюджетной системы. Такая ситуация выдвигает на первый план проблему расширения и укрепления экспортного потенциала за счет развития обрабатывающих отраслей промышленности, глубокой переработки алюминия, хлопка, шерсти, табака, коконов внутри страны. По всей вероятности в ближайшее время вряд ли будут происходить заметные сдвиги в структуре экспорта, но тем не менее, эта задача должна быть объявлена стратегическим приоритетом. Нужно разработать и серьёзно проанализировать со-

стояние импорта. Без сомнения в условиях либеральной экономики и членство страны в ВТО, внутренний рынок будет наполняться импортными товарами. Имеется группа товаров, импорт которых необходим, но есть товары, производство которых можно организовать внутри страны. Государство должно широко использовать механизмы защиты внутреннего потребительского рынка и поддержать отечественных товаропроизводителей. Членство в ВТО предполагает отказ от крайнего протекционизма, но поддержка перспективных и нужных отраслей в первую очередь сельское хозяйства необходима. В мире почти нет страны, которая бы косвенно или прямо не поддерживала собственное производство.

Опыт многих стран показывает, что внешнеэкономические связи должны быть регулированы разумной таможенной политикой. Таможенные пошлины должны быть установлены таким образом, чтобы поощряли ввоз в страну товаров, производство которых ограничено, и сдерживали ввоз товаров, производство которых можно организовать внутри страны. Угроза экономической безопасности значительно возрастает в связи с опасностью утраты продовольственной независимости страны, связанная не только с падением способности аграрного сектора удовлетворить потребность населения в продуктах питания, но из-за ограниченности платежеспособности граждан. Продовольственная безопасность Таджикистана - самая уязвимая проблема. Объясняется это тем, что, во-первых, сельское хозяйство страны более консервативная отрасль, чем другие, во-вторых, земельные ресурсы ограничены, в-третьих, процесс производства зависит от природно- климатических условий и катаклизмов, в-четвертых, в ходе реформирования были допущены серьёзные просчёты.

В силу названных причин ослабилась место отрасли в народнохозяйственном комплексе страны, утратилась её значимость, ухудшилось качество питания, что отрицательно сказалось на здоровье нации. Потребление мяса и мясопродуктов на душу населения за 1990-2012гг. сократилось на 18,7 кг; молоко и молочные продукты - на 112,8 кг, яйца - на 87 шт., сахар - на 17,9 кг, овощи и бахчевые - на 18 кг, хлебные продукты - на 12 кг и т.д. Если сопоставить эти показатели даже с минимальной нормой потребления, то разница будет ещё более существенной.

